**АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

ВБД: 327.2(575.4)

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**КАРИМОВ РАҲМАТУЛЛО РАМАЗОНОВИЧ**

# ДИПЛОМАТИЯИ ОБ ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи
илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси
5.6.4. Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ,
инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ

**ДУШАНБЕ – 2026**

Диссертатсия дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст

**Роҳбари илмӣ:** **Қувватзода Сайдуло Зувайд** – доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, мудири бахши маориф ва илми раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Каримов Шамсиддин Турсунматович** – доктори илмҳои сиёсӣ, сарходими илмии шуъбаи ШМА ва Канадаи Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

**Рустамзода Завқиддин Рустам** – номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, декани факултети педагогика ва филологияи МД «Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд»-и МД «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон»

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Ҳимояи диссертатсия «19» сентябри соли 2026, соати «13 00» дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-079 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33) баргузор мегардад.

Бо матни диссертатсия дар китобхонаи илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва сомонаи расмии Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (www.ifppanrt.tj) шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» _____ соли 2026 ирсол гардид.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ
Email: sanginov1953@mail.ru Сангинов Н.Н.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосири низоми сиёсии ҷаҳонӣ, ки бо сатҳи баланди тағйирпазирӣ ва афзоиши омилҳои таниш тавсиф мешавад, масъалаи таҳкими муколама ва рушди ҳамкории дипломатӣ аҳаммияти махсус пайдо кардааст. Ҳамзамон, густариши пайвастаи шаклҳои гуногуни ҳамкории байналмилалӣ зарурати ҳамоҳангсозии талошҳои давлатҳоро бештар намоён сохта, асоси амнияти ҷаҳонӣ ва татбиқи ҳамаи ҳадафҳои вобаста ба рушди устувор мебошад. Дар ин иртибот ҳамкориҳои дипломатӣ ба василаи калидии муттаҳидсозии талошҳои ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор дар бахшу соҳаҳои гуногун барои ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда мегардад.

Дар заминаи рушди сиёсию низомӣ ва иқтисодию фарҳангӣ ҳамбаста дипломатӣ низ рушд намуда, самтҳои нави ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ ба вуҷуд омадаанд.

Дар баробари ин, бо мураккаб гардидани масъалаҳои вобаста ба захираҳои обӣ ва таъмини амнияти об дар миқёси ҷаҳон, мавзуи об тадриҷан ба яке аз самтҳои доимии рӯзномаи сиёсӣ ва муҳокимаҳо дар сатҳҳои гуногуни ҳамкории байналмилалӣ табдил ёфтааст. Дар доираи ин раванд, ҷиҳати дарёфти роҳҳои самараноки ҳалли масъалаҳои обӣ муколамаи сиёсӣ, ҳамгироии институтсионалӣ ва ҳамкориҳои бисёрсамта фаъолона роҳандозӣ мегарданд.

Чунин равиш боиси ба вуҷуд омадани самти нави фаъолияти дипломатӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ гардида, зери мафҳуми «дипломатияи об» ифодаи ҳамаҷонибаи худро пайдо намуда истодааст. Дипломатияи об самти нави фаъолияти дипломатӣ буда, аз қонуният ва хусусиятҳои хос таркиб ёфтааст. Бо афзалияти хос пайдо кардани масъалаҳои вобаста ба об дар рӯзномаи сиёсии ҷаҳонӣ таҳқиқи илмии «дипломатияи об» дар илмҳои сиёсӣ аз муҳимтарин масъалаҳо маҳсуб меёбад.

Имрӯз дипломатияи об дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ҳамчун абзори муҳимми ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва таҳкими ҳамкории давлатҳо дар соҳаи идоракунии захираҳои обӣ фаҳмида мешавад.

Ин гуна воқеияти объективии табиӣ ба миён омадани зарурати ҳамкории фарогир ва ҳамгироии муназзами байнидавлатии кишварҳои шомили ҳавзаи ягонаи обиро шарт мегузорад ва аҳаммияти таҳким бахшидани дипломатияи обро ба таври назаррас афзоиш медиҳад. Таъмини тавозуни баробари манфиатҳои ҷонибҳои дорои ҳавзаҳои муштараки обӣ, ки асоси онро ҳамкорӣ ташкил медиҳад шарти муҳимтарин таъмини субот дар минтақаҳои алоҳида ва кишварҳои гуногун мебошад.

Дар шароити имрӯза, бо афзоиши нақши захираҳои обӣ дар шаклгирии муносибатҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва байнидавлатӣ ва табдил ёфтани он ба унсури таъсиргузори сиёсӣ, ниёз ба таҳқиқоти фарогир ва амиқи илмӣ дар соҳаи дипломатияи об бештар эҳсос мегардад. Аз ин рӯ, баррасии назариявии

мафҳум ва моҳияти дипломатияи об, омилҳои ташаккул ва вижагиҳои фарқкунандаи он, инчунин муайян сохтани ҷойгоҳ ва аҳаммияти ин падида дар низоми илмҳои сиёсӣ ва сохтори муносибатҳои ҷаҳонӣ аҳаммияти махсус касб мекунад.

Дар ин радиф мубрамияти дигари масъала дар он ифода ёфтааст, ки дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дипломатияи об ҷойгоҳи махсус дошта, пешбурди амалии он дар арсаи байналмилалӣ авлавияти доимӣ дорад.

Дар баробари ин, мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда бо омилҳои зерин шарҳ дода мешавад:

1. Таҳқиқи ҷойгоҳи омили об дар рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Об дар ташаккул ва рушди муносибатҳои байналмилалӣ мавқеи муҳим дошта, яке аз заминаҳои ибтидоии пайдоиш ва ташаккули давлат ҳамчун ниҳоди калидии низоми сиёсии ҷомеа арзёбӣ мегардад. Дар баробари ин, фазои обӣ василаи асосии коммуникатсионӣ ва таъминкунандаи ҳампайвандии кишварҳо ва қитъаҳо маҳсуб ёфта, заминаи бунёдии рушди тамаддуни ҷаҳонӣ мебошад. Аммо то кунун ин масъала дар илмҳои сиёсӣ ба таври кофӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст, ки дар шароити имрӯз омӯзиши ҳамаҷонибаи он аҳаммияти муҳим дорад.

2. Саҳмгузорӣ дар ҳалли мушкилоти норасоии оби тозаи ошомиданӣ дар арсаи ҷаҳонӣ. Тавре маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва субъекти мустақили муносибатҳои байналмилалӣ, бо такя ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, нисбат ба мушкилоти глобалӣ бетараф буда наметавонад. Тоҷикистон бо пешниҳоди ташаббусҳои илман асоснок ва мавқеъгириҳои фаъол дар соҳаи об саҳми арзишманди худро дар таъмини дастрасии бештари аҳолии сайёра ба сарчашмаҳои бехатари оби ошомиданӣ мегузорад.

3. Ташаккули заминаи пешбурди масъалаҳои марбут ба об. Бо назардошти торафт мураккаб гардидани масъалаҳои вобаста ба захираҳои обӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, таъмини ҳамгироӣ дар соҳаи об ҳамчун шарти муҳими ҳифз ва таъмини амнияти обӣ дар ҳамаи сатҳҳо арзёбӣ мегардад. Дар ин замина, зарурати анҷом додани таҳқиқоти илмӣ ва дарёфти василаҳо ва механизмҳои илман асосноки пешбурди дипломатияи об ба миён меояд.

4. Таҳқиқ ва коркарди василаҳои илман асоснокшудаи ҳифзи манфиатҳои обии кишвар дар пешбурди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари гидродонори минтақавӣ дар таъмини амнияти обӣ дар Осиёи Марказӣ мавқеи муҳим дорад. Амнияти об дар ин минтақа аз ҳифзи ҳамаҷонибаи захираҳои обии Тоҷикистон вобаста буда, дар шароити тағйирёбии иқлим, афзоиши талабот ба об ва коҳиш ёфтани захираҳои об дарёфти роҳҳои ҳифзи манфиатҳои обӣ яке аз шартҳои муҳими ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар ин соҳа ба ҳисоб меравад.

5. Мавқеъгирии минтақавӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи об. Бо мураккаб гардидани масъалаҳои вобаста ба об дар сатҳҳои гуногун хатари ба вуҷуд омадани ихтилофҳо ва низоъҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ дар

ҳавзаҳои ягонаи обӣ меафзояд ва рақобат барои дастрасӣ ба манбаъҳои об бештар мегардад. Ин ҳолат ба субот ва амнияти ҷаҳонӣ таъсири манфӣ расонида, зарурати таҳияи консепсияҳои мушаххаси пешгирӣ ва ҳалли чунин мушкилотро ба миён меорад. Бо назардошти ин омилҳо, омӯзиши ҳамаҷонибаи мавқеъ ва нақши Тоҷикистон, инчунин усулҳои пешбурди масъалаҳои вобаста ба об дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ аҳаммияти хоса дорад.

6. Ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ҷиҳати ҳифзи захираҳои обии кишвар ва таъмини амнияти об дар минтақаи Осиёи Марказӣ. Амнияти об қисми таркибии дипломатияи обро ташкил дода, омӯзиши амиқи илмиро тақозо менамояд. Заминаи асосии таъмини амнияти обӣ дар Осиёи Марказӣ ҳифзи ҳамаҷонибаи захираҳои об, бахусус ҳифзи пиряхҳо, ки сарчашмаи асосии обҳои минтақа мебошанд, ба ҳисоб меравад. Имрӯз ҳифзи пиряхҳо сармоягузории ҷиддиро талаб менамояд, ки ҷалби он дар доираи ҳамгироии минтақавӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи об имконпазир аст ва василаи асосии таъмини чунин ҳамгироӣ маҳз дипломатияи об мебошад.

Ин омилҳо дар маҷмуъ зарурати таҳқиқи ҳамаҷонибаи ҷойгоҳи дипломатияи обро дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён оварда, баррасии амиқи моҳият ва аҳаммияти рушди дипломатияи обро дар арсаи байналмилалӣ муайян месозанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дипломатияи об аз мавзуҳое мебошад, ки то кунун мавриди таҳқиқи васеи илмӣ қарор нагирифтааст. Паҳлуҳои алоҳидаи ин мавзуъ дар доираи мақолаҳои ҷудогона ва маърӯзаҳои сиёсии шахсони мансабдори сиёсӣ ва намояндагони ташкилоту созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ матраҳ гардидааст.

Аммо, бо назардошти асосҳои таърихии он ва ҳамбастагии он бо масоили мухталифи сиёсӣ дар шароити муосир, адабиёт ва маводҳои дигари илмӣ ва меъёрии ба ин самт дахлдоштаро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд.

**Ба гурӯҳи аввал** баромадҳо, маърӯзаҳо ва пешниҳоду ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дохил гардидаанд. Дар онҳо самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақсадҳои асосии давлати муосири тоҷик, низоми татбиқи онҳо, инчунин роҳу воситаҳои ҳалли масъалаҳои муҳимтарин ва мураккабтарини локалӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба таври равшан инъикос ёфтаанд.

**Гурӯҳи дуюмро** адабиёти таърихӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо таълимоти мухталиф вобаста ба истифодаи муштараки захираҳои об, таъмини ниёзмандон бо об, фарҳанги истифода ва муносибат ба об инъикос ёфтааст.

Дар ин замина, пеш аз ҳама, таълимоти марбут ба истифода ва муносибат бо об дар фарҳанги ориёӣ, динҳои зардуштӣ, ислом ва фарҳанги исломӣ, инчунин асарҳои бунёдии таърихӣ истифода гардидаанд, ки дар онҳо раванди

тӯлонии таърихии ташаккули маҷмӯи муносибатҳо бо захираҳои об, қобилияти истифода ва идоракунии онҳо асоснок карда шудааст.

**Гурӯҳи сеюмро** санадҳои сиёсӣ, меъёрию ҳуқуқӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои байнидавлатӣ ва минтақавию байналмилалӣ, ки муносибатҳои вобаста ба истифодаи захираҳои обиро танзим менамоянд, ташкил медиҳанд. Ба ин гурӯҳ инчунин қатъномаҳо ва эъломияҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи об, истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва санадҳои қабулнамудаи ниҳодҳои минтақавию ҷаҳонӣ, ки сиёсати обиро татбиқ менамоянд, дохил карда мешаванд.

**Гурӯҳи чорумро** муҳаққиқони ватанӣ ташкил медиҳанд, ки таълифоти онҳо заминаи методологӣ ва консептуалии таҳқиқи масъалаи мазкурро фароҳам овардааст. Ба ин гурӯҳ корҳои илмии анҷомдодаи муҳаққиқон, аз ҷумла Г.Н. Зокиров [22; 23; 24; 25], С.С. Ятимов [82; 83], С.И. Шарипов [80], А.Ш. Қурбонов [33], М.У. Хидирзода [76], Р.Қ. Алимов [3], Ҳ.С. Саидов [68], Р.Ҷ. Ҳайдаров [75], Ш. Шоисматуллоев [81], З.М. Қурбонова [34], А. Холиқӣ, Н. Раҳимов [77], П.А. Маҳмадов [47], С.З. Қувватзода [36; 37; 38] ворид гардидаанд.

**Гурӯҳи панҷуми** адабиёти истифодашуда фарогири таълифоти олимону муҳаққиқоне мебошад, ки масъалаҳои гуногуни вобаста ба обро аз лиҳози сиёсӣ таҳлил ва баррасӣ намудаанд. Ба ин гурӯҳ корҳои илмии анҷомдодаи Ҷ. Уотербери [72], В. Демидов [16], В. Каширин [27; 28], Д. Бабаян [5], В.Г. Литуев [41], П.Х. Самедов, Ю.К. Абдулла [70], К.Г. Муратшина [51], В.И. Данилов-Данилян, К.С. Лосев [15], А.Ш. Джайлообаев [17], А.Я. Капустин [58], А.К. Карлиханов [32], А. Мансуров [65], С.Д. Махкамбаев [46], Г.Н. Петров [55; 56; 57], Ю.Х. Рисбеков [66], А. Молдобаев [49], Ҳ.А. Одинаев [53], А.Т. Салохиддинов, Р.К. Икрамов, М.Н. Тимирова [69], З.В. Кобулиев [29], Н.К. Носиров [52], Х.М. Ахмедов [56], В.А. Духовний, В.И. Соколов [18], У.И. Муртазаев, М.С. Мавлони [43], Р.Д. Маргерум, Д. Уиталл [86], Г. Ролл [64], Н.И. Горошков [14], Д.М. Маматканов, Ҳ.С. Сафиев, А.О. Аминҷонов, М.Б. Каримов [71], Л.В. Бажанова [44], А.Г. Бабаев, А.Р. Медеу, Х.М. Муҳаббатов, А.С. Салиев, Х.У. Умаров, А.А. Эргешов [4], К. Ларинов [39], Ю. Шадиметова [79], К.Л. Валентини, Э.Э. Оролбаев, А.К. Абилгазиева [8], Б. Садбаев [67], Н.Ф. Газаловский [11], О.А. Бояркина [7], С.С. Жилтсов, И.С. Зонн [20], В.Л. Аваков, Н.К. Арбатова, В.Я. Гантман [1], Б.В. Коваленко, А.И. Пирогов, О.А. Рижов [30], Х. Хатами, П. Глейк [13], Т. Ле-Хуу [40], А. Куртов [35], Н. Глебова [12], Я.Э. Пулатов [59], С. Раҳимов [60], А. Ибодуллозода [26], А.Б. Лихачева [42], Г.Ч. Акунова [2], Д.Р. Зиганшина [21], М. Фалкенмарк [73], Л. Олссон [54], Т.А. Волф, Б. Шира Йоффе, М. Джордано [10], К. Фритсше, Г. Исаева, А. Маас, Л. Рюттингер [74] дохил карда шудаанд.

Таҳлил ва омӯзиши маҷмӯи адабиёти болозикр нишон медиҳад, ки масъалаҳои вобаста ба об ва омили об беш аз пеш ба муносибатҳои гуногунарсаи байналмилалӣ таъсиргузор гардида, зарурати таҳқиқи консептуалии дипломатияи обро нишон медиҳанд.

Бо дарназардошти ин, таҳқиқи дипломатияи об ҳамчун самти нави муносибатҳои байналмилалӣ ва соҳаи нави фаъолияти дипломатӣ дорои аҳаммияти баланди назариявӣ ва илмӣ мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуҳои илмӣ.** Диссертатсияи номзадӣ дар асоси нишондодҳои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2030» аз 28 феврали соли 2025, №114 омода гардида, масъалаи мавриди таҳқиқ ба гурӯҳи масъалаҳои муҳими сиёсӣ, манфиатҳои миллӣ ва рушди давлатдории миллӣ нигаронида шудааст. Ҳамзамон, таҳқиқоти диссертатсионӣ тибқи нақшаи дурнамои фаъолияти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеа ва Маркази омӯзиши «Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқотро** мушаххас намудани ҷойгоҳи дипломатияи об ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки амалияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои таҳкими муносибатҳои дипломатӣ дар соҳаи об дар шароити тағйирёбии иқлим ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Вазифаҳои таҳқиқот барои расидан ба ҳадафҳои гузошташуда нигаронида шуда, онҳо аз бандҳои зерин иборат мебошанд:

- мавриди таҳқиқ ва арзёбии назариявӣ қарор додани дипломатияи об ва раванди ташаккулу рушди он ҳамчун самти нави фаъолияти дипломатӣ;
- таҳқиқи заминаҳои табиию амалӣ, ки асоси шаклгирии дипломатияи об дар шароити имрӯз маҳсуб меёбанд;
- баррасии хусусиятҳои геополитикии амнияти обӣ дар низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ;
- таҳқиқи ҳамбастагии дипломатияи об бо амнияти об дар шароити имрӯз;
- таҳқиқи ҷойгоҳи дипломатияи об дар таҳкими имиҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ;
- таҳлили ҷанбаҳои сиёсии идоракунии захираҳои об ва таъсири онҳо ба таъмини амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ.

**Объекти таҳқиқот** дипломатияи об дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок ва фаъоли равобити сиёсию дипломатӣ мебошад.

**Предмети таҳқиқот** омӯзиши масъалаҳои асосии ташаккули дипломатияи об ва бартарии он дар татбиқи сиёсати давлатии таъмини амният ва рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Мушкилоти вобаста ба об аз мураккабтарин масъалаҳои ҷаҳони имрӯз маҳсуб ёфта, ба рушду тараққиёти иқтисодию иҷтимоии ҷомеа таъсири мустақим мерасонад. Захираҳои об дар сатҳи сайёраи Замин нобаробар ҷойгир буда, аксари давлатҳои ҷаҳон миёни ҳам вобастагии зиёди обӣ доранд.

Бо назардошти ин омил, масъалаҳои вобаста ба об дар сиёсати хориҷии давлатҳо ва муносибатҳои байналмилалӣ таъсири ҳамаҷониба дошта, зарурати ҳамкориҳои гуногунарсаро вобаста ба истифодаи самаранок ва муштараки захираҳои об дар доираи принсипҳои ҳусни ҳамҷаворӣ, ҳамсоягии нек ва рафоқат тақозо менамоянд. Дар ин замина, дипломатияи об аҳаммияти ҳамаҷонибаи ҳаётӣ пайдо намуда, тақвияти ҳамаҷонибаи он дар пешбурди сиёсати хориҷии давлатҳо зарур мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** мубрамияти дипломатияи об ва ҷойгоҳи он дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегиранд. Инчунин, таҳқиқи заминаҳои таърихии пайдоиш ва ташаккули дипломатияи об, мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои он, таъсири омили об ба муносибатҳои байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ, зарурати таҳқиқи илмии мушкилоти вобаста ба об ва таъсири манфии он ба муносибатҳои байналмилалӣ ва амнияти ҷаҳонӣ, инчунин таъмини ҳамгироӣ дар соҳаи об аҳаммияти назариявии онро нишон медиҳад. Дар раванди таҳқиқот аз методҳои таърихӣ, системавӣ, муқоисавӣ, институтсионалӣ, таҳлил ва синтез ба таври васеъ истифода гардидааст, ки имкон дод дар асоси сарчашмаҳои расмӣ ва илмӣ, маводи иттилоотӣ ва оморӣ, инчунин коркарди консептуалии олимону мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ омӯзиши маҷмӯӣ ва динамикии объект ва предмети таҳқиқот анҷом дода шуда, унсурҳои муҳимтарин ва муносибатҳои онҳо муайян карда шаванд. Бо назардошти фароилмӣ будани масъалаҳои вобаста ба об аз методҳои байнифаннӣ низ истифода гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бо назардошти торафт мураккаб гардидани масъалаҳои вобаста ба об дар арсаи ҷаҳонӣ, таъмин ва тақвияти ҳамгироӣ дар соҳаи об беш аз ҳар вақти дигар зарур мебошад. Ҳамзамон, навгонии илмии таҳқиқоти анҷомёфта тавассути нуқтаҳои зерин асоснок карда мешавад:

− бори нахуст дар илмҳои сиёсӣ дипломатияи об аз лиҳози назариявӣ таҳқиқ гардида, назарияҳои гуногун дар шакли мукаммал мавриди арзёбӣ қарор гирифта, қоидаи нави дипломатияи об пешниҳод шудааст;

- заминаҳои пайдоиш ва рушди дипломатияи об муайян ва асоснок карда шудаанд;

- хусусиятҳои геополитикии масъалаҳои вобаста ба об ошкор ва дар заминаи воқеияти муосир асоснок карда шудаанд;

- ҷойгоҳи дипломатияи об дар таъмини амнияти об дар шароити имрӯз муайян карда шудааст;

− муайян намудани нақши дипломатияи об дар раванди таъмини амнияти об дар шароити имрӯза;

− омӯзиш ва таҳлили раванди ташаккули дипломатияи об ва аҳаммияти он дар таҳкими имиҷи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

− мушаххас намудани ҷанбаҳои сиёсию маъмурии идоракунии захираҳои об ва нақши онҳо дар таъмини амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Об дар таъмини ҳамгирой ва муттаҳидии ҷомеа ҷойгоҳи махсус дошта, нахустзаминаи баҳамоии қабилаҳо ва халқу миллатҳо дар даврaҳои ибтидой ва баъдии таърихӣ маҳсуб меёбад. Маълум аст, ки нахустин шаклҳои шаҳрнишинӣ, давлатдорӣ ва тамаддунҳои башарӣ асосан дар канори дарёҳо, баҳрҳо ва уқёнусҳо пайдо шуда, тадриҷан рушд ёфтаанд. Дар тамоми марҳилаҳои таърихӣ ҷомеаи башарӣ ҳамеша барои такмил додани усулҳо ва иқтидорҳои идоракунии захираҳои обӣ талош намудааст. Ин раванд ба ташаккули низомҳои ирригатсионӣ мусоидат карда, дар натиҷа заминаи рушди тамаддуни кишоварзӣ ва пешрафти иҷтимоиву иқтисодии ҷомеа фароҳам омадааст. Ҳамзамон, идоракунии захираҳои об, бахусус бунёд ва рушди инфрасохтори ирригатсионӣ, ҳамкории ҳамоҳангшуда ва иштироки дастаҷамъонаи ниҳодҳои гуногунро талаб менамояд. Маҳз ҳамин омил боиси таҳкими ҳамбастагии иҷтимоӣ, густариши ҳамзистии осоишта ва рушди ҳамкориҳои мутақобила миёни гурӯҳҳо ва халқҳои гуногун гардидааст.

2. Тибқи маълумот, 153 кишвари ҷаҳон дорои ҳавзаҳои ягонаи обӣ мебошанд ва омили об онҳоро ба таври табиӣ ба ҳам мепайвандад. Ин пайвандӣ заминаи ба роҳ мондани муносибатҳои дипломатӣ вобаста ба истифодаи муштарак ва оқилонаи захираҳои оби ҳавзаҳои ягонаи обӣ гардида, ба қисми муҳими ҳамкориҳои байнидавлатӣ табдил ёфтааст. Имрӯз, дар шароити торафт зиёд гардидани талабот ба захираҳои об, алалхусус оби тозаи ошомиданӣ, рақобат миёни ҷонибҳои манфиатдор барои дастрасӣ ба он бештар мегардад, ки эҳтимоли ба вуқуъ омадани бархӯрдҳо ва ихтилофу низоъҳои вобаста ба обро зиёд менамояд. Ин ҳолат зарурати истифодаи василаҳои дипломатӣ ва муколамаи обро бештар месозад.

3. Ҷониби Тоҷикистон бо дарки мубрамияти масъалаҳои вобаста ба об дар қарни ҷорӣ ва шиддат гирифтани бархӯрдҳо барои дастрасӣ ба захираҳои об, инчунин зарурати коркарди василаҳои пешгирии онҳо, дар ин самт ва дар заминаи он таҳким бахшидани ҳамкориҳои гуногунарса, дипломатия ва муколамаи обро асоси таъмини рушди устувор мешуморад. Дар ин замина, маҷмӯи ташаббусҳо ва иқдомҳои сатҳи ҷаҳонӣ дар соҳаи об пешниҳод гардида, чорабиниҳои баландпояи байналмилалӣ баргузор шудаанд, ки дар натиҷа шаҳри Душанбе ба маркази ташаккули дипломатияи об табдил ёфтааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари гидродонори минтақавӣ, ки қисми зиёди захираҳои обии Осиёи Марказӣ дар ҳудуди он ташаккул меёбад, ҳамеша ҷонибдори муколама ва истифодаи оқилонаи захираҳои оби фаромарзӣ мебошад. Кишвар бо татбиқи консепсияҳои муосири идоракунии захираҳои оби фаромарзӣ манфиатҳои кишварҳои ҳамсояро дар ин самт эҳтиром намуда, талоши худро барои таъмини давлатҳои шомили ҳавзаи баҳри Арал бо ҳаҷми зарурии об равона менамояд.

4. Ҳифзи амнияти об ва бартараф намудани мушкилоти вобаста ба он тавассути муколама ва эҳтироми мутақобила меҳвари сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи об ташкил медиҳад. Дар шароити тағйирёбии иқлим таҳдид ба амнияти об бамаротиб зиёд гардида, тавассути василаҳои анъанавӣ ҳифз намудани он мушкилтар мегардад. Бо назардошти

чунин вазъ, ҷониби Тоҷикистон бо пешбурди Раванди оби Душанбе василаҳои муосири ҷавобгӯ ба талаботи имрӯзро ҷиҳати ҳифзи амнияти об дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ таҳия намуда, дар сиёсати хориҷии худ беш аз ҳар вақти дигар аз дипломатияи об истифода менамояд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти вобаста ба дипломатияи об дар замони муосир, дар партави афзоиши таҳдидҳои марбут ба тағйирёбии иқлим, норасоии захираҳои обӣ ва мураккабшавии муносибатҳои байнидавлатӣ, рӯз то рӯз бештар мегардад. Натиҷаҳои чунин таҳқиқот имкони татбиқи васеъ дар чандин самтро фароҳам меоранд, аз ҷумла дар таҳия ва воридсозии барномаҳои ихтисосии таълимӣ вобаста ба дипломатияи об, таҳлили низоъҳои марбут ба захираҳои об ва идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои обӣ. Ташаккули чунин курсҳои таълимӣ ҳамчун зарурати муҳими замонавӣ барои такмили сатҳи дониши назариявӣ ва малакаҳои амалии мутахассисони соҳаҳои муносибатҳои байналмилалӣ, ҳифзи муҳити зист ва сиёсати хориҷӣ арзёбӣ мегардад.

Илова бар ин, таҳқиқоти мазкур метавонад ба таҳияи барномаҳо, консепсияҳо ва стратегияҳои давлатии марбут ба сиёсати обӣ, дипломатияи об, амнияти миллӣ ва геополитикӣ, таҳкими воситаҳои ҳимояи манфиатҳои миллӣ асоси илмӣ бахшад. Дар шароите, ки об ба унсури стратегӣ ва геополитикӣ табдил ёфтааст, сиёсати давлатӣ дар соҳаи об бояд на танҳо аз нигоҳи иқтисодӣ, балки аз ҷиҳати сиёсӣ ва амниятӣ низ баррасӣ гардад. Дар ин раванд, таҳлили илмии дипломатияи об ҳамчун шакли махсуси фаъолияти байналмилалӣ барои ҳамоҳангсозии манфиатҳои кишварҳо дар масъалаҳои тақсими захираҳои обӣ ва танзими ҳамкориҳо нақши калидӣ мебозад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд дар таҳияи муқаррароти ҳуқуқии созишномаҳо ва шартномаҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ истифода шаванд. Ҳангоми таҳияи чунин асноди меъёрӣ зарурати ба инобат гирифтани омилҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, таҷрибаи амалии муноқишаҳо ва принсипҳои тақсими одилонаи об ба миён меояд. Маҳз дар ин замина, таҳқиқоти академӣ бо пешниҳоди тавсияҳои мушаххас метавонад заминаи ҳуқуқии созишномаҳои фарогирро тақвият бахшад.

Аз дидгоҳи илмӣ ва методологӣ, дастовардҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун заминаи назариявию амалии омода намудани матни гузоришҳо ва суханрониҳои расмӣ, инчунин таҳияи мақолаҳои илмӣ ва анҷом додани корҳои таҳқиқотии сатҳҳои гуногуни таҳсилоти олӣ, аз ҷумла рисолаҳои магистрӣ, номзадӣ ва докторӣ хизмат намоянд.

Муҳаққиқон метавонанд бо такя ба таҳлили назариявию амалӣ, моделҳо ва таҷрибаи кишварҳои гуногун асосҳои нави таҳлил ва хулосаҳои татбиқшавандаро барои рушди минбаъдаи илм пешниҳод намоянд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** ба таври хос дар муносибатҳои байнидавлатӣ ва минтақавӣ зоҳир мегардад, ки дар он масъалаҳои дастрасӣ, тақсим ва истифодаи устувори захираҳои обӣ ҳаллу фасли худро меёбанд. Дар раванди музокирот ва гуфтушунидҳои обӣ далелу хулосаҳои илмӣ метавонанд ҳамчун воситаи қавии асоснок намудани мавқеи тарафҳо ва расидан ба

тавофуқоти устувор хизмат намоянд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд ҳангоми таҳияи сиёсати минтақавии давлатӣ дар соҳаи об ва ташаккули чаҳорчӯби ҳамкориҳои муштарак истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқи эътимодноки диссертатсионӣ, манзур кардани хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро нишон медиҳанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5.6.4 – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ мувофиқ аст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Дар асоси адабиёт ва сарчашмаҳои дигари мавҷуда раванди таърихии пайдоиш ва ташаккули дипломатияи об ва масъалаҳои вобаста ба он, ҷойгоҳи об дар ташаккули муносибатҳои байнидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ ва таъсири мушкилоти об ба ин муносибатҳо таҳлил гардида, тавсия ва пешниҳодҳои судманд ҷиҳати таҳкими ҳамгироии байналмилалӣ дар соҳаи об манзур карда шуда, донишҳои вобаста ба дипломатияи об танзим ва системаи муайян дароварда шудаанд.

Саҳми шахсии муҳаққиқ бо сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, муқаррарот ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, таҳияи барнома ва модулҳои таълимӣ ва курси лексияҳо барои мактаби олӣ муайян карда мешавад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот истифодаи амалии худро дар раванди таълим пайдо намуда, аз рӯйи он курси махсуси «Дипломатияи Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи об» дар магистратураи хизматчиёни давлатии Маркази омӯзиши «Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон» баргузор гардида истодааст. Қисмҳои алоҳидаи диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ дар Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва конференсияҳои ҷумҳуриявӣ дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа ва Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ва муҳокима гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии дар диссертатсия бадастомада дар 9 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия тавсия шудаанд, ба табъ расидаанд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

Диссертатсияи мазкур дар маҷлиси кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 20-уми феврали соли 2026, протоколи №7) муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Боби якуми диссертатсия «**Заминаҳои асосии сиёсию назариявии ташаккули дипломатияи об**» аз ду зербоб иборат буда, омӯзиш ва таҳлилу хулосагириҳоро вобаста ба моҳият, аҳаммият ва хусусиятҳои ташаккули дипломатияи об, инчунин василаҳои асосии таъмини рушди устувор ва амнияти об фаро мегирад.

Зербоби 1.1. «**Моҳияти ҷанбаҳои назариявии ташаккули дипломатияи об ҳамчун шакли махсуси дипломатия**» номгузорӣ гардида, ба таҳқиқи назарияҳо бахшида шудааст.

Муносибатҳои байналмилалӣ низоми фарогири робитаҳо ва ҳамкориҳои байнидавлатиро ифода менамоянд, ки самтҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, фарҳангӣ, ҳарбӣ, дипломатӣ ва дигар бахшҳои фаъолияти байналмилалиро дар бар мегиранд. Ин низом равобит ва ҳамкории мутақобилаи субъектҳои гуногуни арсаи байналмилалӣ, аз ҷумла давлатҳо, халқҳо, иттиҳодияҳо, созмонҳо, мақомоти байнидавлатӣ ва ғайридавлатӣ, инчунин, ҳизбҳо, ҳаракатҳо, шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои иҷтимоии онҳоро дар бар мегирад.

Таркиби ин муносибатҳо тағйирпазир буда, бо пешрафт ва дигаргун гардидани ҷомеа, вобаста ба талабот ба он самтҳо ва соҳаҳои дигар ворид мешаванд. Ин раванд пеш аз ҳама вобаста аст ба падидаи масъалаҳои дорои хусусияти фаромиллӣ ва фароҷаҳонӣ, ки наметавонад танҳо хоси ягон субъекти алоҳидаи муносибатҳои байналмилалӣ бошад. Чунин масъалаҳо дорои ангезаҳои амнияти умумибашарӣ буда, якбора ба тамоми ҷомеаи инсонӣ таҳдид намуда, андешидани тадбирҳои дастаҷамъиро тақозо менамояд.

Аз лиҳози таърихӣ бошад, таркиби ин муносибатҳоро таъмини муттаҳидӣ ҷиҳати таҳким бахшидани иқтидор барои ҳифзи амнияту субот, бехатарӣ, иҷрои амл ё коре, алалхусус бунёди иншооти муайян ташкил менамояд. Ин тамоюл ба масъалаҳои марбут ба захираҳои об низ хос буда, дар тӯли даврaҳои тӯлонии таърихӣ тадриҷан ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ ворид гардида, дар ниҳоят ба яке аз самтҳои мустақили фаъолияти дипломатӣ ташаккул ёфтааст.

Омили об дар таърих заминаи ба вуҷуд омадани давлат ва тамаддун гардида, яке аз василаҳои асосии гузариш аз як низоми ҷомеадорӣ ба низоми нав мебошад. Аввалин инфрасохтор, ки яке аз нишонаҳои асосии ба вуҷуд омадани тамаддун мебошад дар соҳаи об бунёд гардида, муаррихон таърихи онро 3000 - 2500 пеш аз милод арзёбӣ менамоянд [50]. Муҳаққиқи тоҷик С.

Қуввватзода дар таҳқиқи худ ба маврид зикр менамояд, ки «марҳилаи дигари ташаккули муносибатҳо дар соҳаи об рушди саноати киштисозӣ ва истифодаи васеъи роҳҳои обӣ мебошад. Дастёбӣ ба рушди истифодаи роҳҳои обӣ дар пешрафту тараққиёти ҷаҳон такони ҷиддӣ бахшидааст. Ин роҳҳо аз ҷиҳати географӣ, сайёҳӣ, тиҷоратӣ, ҳарбӣ, илмӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, дипломатӣ, саноатӣ якбора суръати рушду тараққиёти ҷаҳонро ба маротиб баланд бардоштанд» [38, с. 45].

Заминаи ба вуҷуд омадани 4 тамаддуни бузурги ҷаҳон маҳз ташаккули донишҳо вобаста ба истифодаи об ва азхудкунии иқтидори об мебошад. Рушди ҷомеаи шумерҳо дар байни дарёву рудҳо, мисриҳои қадим дар соҳили дарёи Нил, ҳиндуҳои қадим дар соҳили дарёи Ҳинд ва чиниҳо дар соҳили дарёи Хуанх ба вуҷуд омадаанд. Муаррихон сохтмони инфрасохтори обрасониро яке аз омилҳои асосии гузариши инсоният аз замони пеш аз таърих ба таърих медонанд.

Бо мурури замон идоракунии захираҳои об ба як ҷузъи ҷудонашавандаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ табдил ёфта, барои ташкили маҳалҳои доимии зист, рушди ҳунармандӣ ва густариши савдо шароити мусоид фароҳам оварда.

Рисбеков Ю.Х. дипломатияи об, воситаҳои амалигардонии он ва субъектҳои иштирокчии раванди татбиқи онро мавриди таҳқиқ қарор дода, онро дар шаклҳои зерин баён намудааст: «дипломатияи об - воситаи татбиқи сиёсати хориҷии давлатҳо дар мавзуи масъалаҳои об буда, маҷмуи тадбирҳо ва усулҳои амалиро дар бар мегирад, ки бо назардошти шароити мушаххас ва хусусиятҳои вазифаҳои ҳалшаванда амалӣ мешаванд; дипломатияи об - фаъолияти расмии сарони давлатҳо, ҳукуматҳо, мақомоти махсус ва намояндагони онҳо, ки ба татбиқи сиёсати хориҷӣ дар соҳаи об равона шудааст; дипломатияи об - фаъолияти касбӣ ва масъулияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор, ки барои ифода ва ҳифзи манфиатҳои давлат ва шаҳрвандони он оид ба масъалаҳои об дар муносибат бо дигар давлатҳо амалӣ мешавад» [65, с. 98 ]. Ба ақидаи Зиганшина Д.Р. «мафҳуми «дипломатияи об» одатан ба нақши муайянкунандаи омили об дар сиёсати хориҷии кишварҳои соҳилӣ, инчунин, ба анҷом додани гуфтушунидҳои дуҷониба ё бисёрҷониба ва истифодаи дигар воситаҳои ҳалли мусолиматомези ихтилофот оид ба масъалаҳои об байни ин кишварҳо дахл дорад» [63].

Паҳлуҳои гуногуни дипломатияи обро Едалиева М. таҳқиқ намуда, мафҳуми «дипломатияи об»-ро аз лиҳози гуногунсамтии он тавзеҳ додаст. Номбурда қайд менамояд, ки дипломатияи об аз нуқтаи назари ҷонибҳои иштирокчӣ ва сатҳҳое, ки он сурат мегирад, яъне минтақавӣ, миллӣ ва байналмилалӣ муайян карда мешавад. Дипломатияи об равандест, ки ба такмили идоракунии захираҳои об ва густариши ҳамкорӣ дар робита бо ин захираҳо нигаронида шудааст. Дар мазмуни васеъ Едалиева М. дипломатияи обро раванде медонад, ки «дар сатҳҳои гуногун бо иштироки намояндагони доираҳои васеъ сурат гирифта, ба ҳалли масъалаҳои вобаста ба захираҳои об ва низоъҳои обӣ, инчунин, мусоидат ба ҳамгироӣ ва ҳамкориҳои минтақавӣ нигаронида шудааст» [19, с. 6].

Ҳангоми таҳлили мундариҷа ва моҳияти дипломатияи об муҳаққиқон инчунин ҳадафҳои онро муайян карданд. Ҳадафи аввали дипломатияи об сиёсӣ аст. Он дар масъалаҳои геополитикӣ ва сиёсати хориҷӣ инъикос ёфтааст. Ҳадафи дуюми дипломатияи об пешгирикунанда аст. Он худро дар ҳалли низоъҳо, ихтилофҳо, баҳсҳо ва дигар равишҳои марбут ба захираҳои об зоҳир мекунад. Ҳадафи сеюми дипломатияи об интегративӣ буда, барои муттаҳид кардани сатҳҳои институтсионалӣ ва ҷалби ҷонибҳои дахлдор ба ҳамкорӣ хизмат мекунад. Ҳадафи чоруми дипломатияи об таъмини ҳамкорӣ дар сатҳҳои байнидавлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мебошад, ки дар доираи платформаҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Ҳадафи панҷуми дипломатияи об техникӣ аст, ки мубодилаи иттилоот ва моделҳои гидрологиро дар бар мегирад. Дар маҷмуъ, олимон ба хулосае омадаанд, ки: «дипломатияи об на танҳо муносибатҳои дипломатӣ ва гуфтушунидро, ки аз ҷониби давлатҳо дар шакли расмиёти дипломатӣ анҷом дода мешаванд, балки истифодаи равиши дипломатиро дар заминаи масъалаҳои хурди маҳаллӣ ва вазъиятҳои ғайрирасмӣ, ки дар муносибатҳои марбут ба идоракунии захираҳои об байни иштирокчиёни гуногун ба миён меоянд, дар бар гирад» [87].

Назарияҳои таърихии пайдоиши муносибатҳо дар соҳаи об асосан ба раванди ташаккули қобилиятҳои ибтидоии идоракунии захираҳои об тавассути бунёди инфрасохтори обрасонӣ иртибот доранд. Назарияҳои таърихии пайдоиши муносибатҳо дар соҳаи об, ки асосан ба раванди ташаккули қобилиятҳои ибтидоии идоракунии захираҳои об тавассути бунёди инфрасохтори обрасонӣ рост меоянд, ифодакунандаи заминаи шакли классикиии дипломатияи об мебошад.

Назарияҳои мазкур шаҳодати равшан ба муносибатҳои байнидавлатӣ дар доираи ҳавзаҳои ягонаи об мебошанд, ки асосан ба марҳалаи пайдоиши давлатҳои миллӣ рост меоянд. Пояи ин равобитро санадҳои байнидавлатӣ ташкил медиҳанд. Дар замони муосир муносибатҳои вобаста ба захираҳои об бо ҷалби ҷонибҳои гуногун ва дар сатҳҳои мухталифи сиёсӣ ва иқтисодӣ амалӣ мешаванд. Асоси ин равобитро санадҳои байналмилалӣ ташкил медиҳанд, ки маҷмуи муносибатҳоро дар соҳаи об дар сатҳи фароҷаҳонӣ танзим менамоянд.

Ҳамкорӣ дар соҳаи об асоси дипломатияи илмӣ мебошад. Идоракунии оқилонаи захираҳои об дар сатҳҳои маҳаллӣ ва миллӣ, имконияти мусоидро барои рушди ҳамаҷонибаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа фароҳам меорад. Дар сатҳи минтақавӣ ба кишварҳо барои таҳияи созишномаҳо ва институтҳо оид ба идоракунӣ ва истифодаи осоиштаи захираҳои обҳои фаромарзӣ ташвиқ карда мешавад.

Ҳамзамон, раванди татбиқи амалии чунин ташаббусҳо дар шароити афзоиши босуръати аҳолӣ ва саноат, тағйирёбии иқлим, дигаргуншавии тарзи ҳаёт, урбанизатсияи шадид, обшавии босуръати пиряхҳо, бахусус пиряхҳои хушкӣ, инчунин густариши майдонҳои кишоварзӣ ва афзоиши талабот ба оби кишоварзӣ то ҳол самаранокии кофӣ надорад. Аз ин рӯ, ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳанӯз ба ҳалли пурраи мушкилоти вобаста ба об дар сатҳи байналмилалӣ ноил нагардидааст.

Ин вазъият зарурати баланд бардоштани сатҳи масъулиятпазирии давлатҳо ва таҳкими иродаи сиёсиро дар сатҳҳои олии дохилидавлатӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ тақозо менамояд. Ҳамзамон, муҳим аст, ки фаъолияти ҳамаи ниҳодҳои минтақавӣ ва байналмилалии пешбарандаи рӯзномаи ҷаҳонии об ва сиёсати об дар як низоми ҳамоҳанг муттаҳид гардида, дар асоси принсипи шабакавӣ амалӣ карда шавад, то самаранокии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин соҳа таъмин гардад.

Зербоби 1.2. «**Заминаҳои табиӣ ва асосҳои амалии шаклгирии дипломатияи об дар шароити имрӯз**» мебошад. Дар шароити буҳронҳои экологӣ таъмини рушди устувори дипломатияи об на танҳо ҳамчун вазифаи иқтисодӣ ё иҷтимоӣ, балки ҳамчун масъалаи стратегии сиёсӣ ва унсури муҳими амнияти байналмилалӣ баррасӣ мегардад.

Заминаи муносибатҳои сиёсии гуногунсамти ҷаҳониро омилҳои мухталиф ташкил медиҳанд, ки асоси онҳоро қонеъ намудани ниёзҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва амниятӣ фаро мегирад.

Муносибатҳои сиёсии вобаста ба об, дар тафовут аз муносибатҳои болозикр, дорои заминаи табиӣ буда, пайдоиши онҳо ба иродаи сиёсии ҷонибҳои иштирокчӣ камтар вобастагӣ дорад.

Заминаҳои табиии муносибатҳои сиёсии вобаста ба обро вобастагии якҷониба, мутақобила ва бисёрҷонибаи давлатҳо дар доираи ҳавзаҳои ягонаи обӣ ташкил медиҳанд.

Тарҳи ҳудудӣ-марзии давлатҳои муосир ба гунае шакл гирифтааст, ки қисми зиёди онҳо дар доираи ҳавзаҳои ягонаи обӣ ҷойгир буда, вобастагии байнидавлатиро дар истифодаи захираҳои об ба вуҷуд овардааст.

Тибқи назарияҳои пайдоиши давлат, ки яке аз онҳо назарияи ирригатсионӣ мебошад, аввалин давлатҳо ё шаклҳои ибтидоии давлатдорӣ маҳз дар соҳилҳои баҳру дарёҳо ба вуҷуд омада, ташаккул ёфтаанд ва бо номи давлатҳои соҳилӣ шинохта шудаанд.

Бунёдгузори назарияи мазкур К. Витфогел бар он назар буд, ки пайдоиши давлатҳои қадим ба бунёди дастаҷамъонаи инфрасохтори обрасонӣ алоқаманд мебошад, зеро қабилаҳои алоҳида қудрати сохтани чунин иншоотро дар танҳоӣ надоштанд.

Ин ҳолат заминаи пайдоиши муносибатҳои ибтидоӣ миёни халқҳои гуногунро дар соҳаи об фароҳам овард. Ба андешаи ӯ, одамони ибтидоӣ баъди машғул гардидан ба зироаткорӣ ва умуман фаъолияти кишоварзӣ тадриҷан қобилияти идоракунии захираҳои обро аз худ менамоянд. Дар ҳамин замина фаъолияти гидравликӣ ва гидротехникӣ ба вуҷуд омада, пояи ташаккули ҷомеаҳои мукаммал ва давлат ба шумор меравад [9, с. 13].

Тибқи назарияҳои дигар, гидросфера низ ҳамчун заминаи ибтидоии пайдоиши аввалин тамаддунҳо арзёбӣ мегардад. Дар ин замина Л. И. Мечников гидросфераро яке аз омилҳои асосии таъсиррасон ба муҳити географӣ дониста, қайд менамояд, ки «инкишофи тамаддунҳо аз хусусиятҳои истифодаи захираҳои об вобаста мебошад» [152]. Ба андешаи ӯ «аҳолӣ маҳз дар ҳудудҳои объектҳои обӣ ҷойгир гардида, чунин ҳудудҳо барои шароити

зист ва муназзамии ҳаёт мусоид мебошанд. Гидросфера шарти асосии ҳаёти иқтисодии ҷомеа буда, соҳилҳои дарёҳо, баҳрҳо ва уқёнусҳо ҳамчун ҳудудҳои асосии ҷойгиршавии аҳолӣ, пайдоиши давлат ва нахустгаҳвораи тамаддуни башарият баррасӣ мегарданд» [152].

Дар назарияи пайдоиши тамаддунҳо Л. И. Мечников таърихи ташаккули тамаддунҳои ҷаҳонро ба се давраи асосӣ ҷудо менамояд: давраи азхудкунии дарёҳо – асрҳои қадим, ки дар он раванди наздикшавии халқҳо ва ташаккули муносибатҳои ибтидоии байналмилалӣ оғоз мегардад; давраи баҳрӣ – асрҳои миёна, ки бештар ба рушди тамаддунҳои Юнон ва Рим марбут мебошад; ва давраи уқёнусӣ – замони нав, ки ба давраи кашфиётҳои бузурги ҷуғрофӣ рост меояд ва оғози робитаҳои густурдаи халқҳои ҷаҳонро ифода менамояд.

Бо бунёд гардидани давлатҳои миллии муосир ва ташаккули тақсимоти ҳудудӣ-марзӣ дар чанд қарни охир, дар ҳудуд ва соҳилҳои ҳавзаҳои ягонаи обӣ давлатҳои гуногун ба вуҷуд омада, пайванди доимии байнидавлатиро дар истифодаи захираҳои об ба вуҷуд оварданд. Ин раванд заминаи табиии ташаккули муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи байналмилалиро дар соҳаи об фароҳам овард.

Ҳамин тариқ, дастрасӣ ба оби тоза метавонад дар оянда ба яке аз манбаъҳои афзоиши ташаннуҷ ва ноустуворӣ табдил ёбад. Дар ин замина Швейтсария ҷонибдори рушди гидродипломатия барои таҳкими ҳамкориҳои фаромарзӣ дар соҳаи об бо мақсади ноил шудан ба сулҳ ва рушди устувор мебошад. Бар асоси ин равиш, Швейтсария консепсияи «сулҳи кабуд»-ро барои густариши ҳамкориҳои фаромарзӣ таҳия намудааст, ки ҳадафи он пешгирии низоъҳо ва дарёфти роҳҳои муштараки истифодаи захираҳои оби фаромарзӣ ба манфиати ҳамаи ҷонибҳо мебошад. Аз соли 1948 инҷониб 295 созишномаи байналмилалии марбут ба об музокира ва ба имзо расидааст, ки дар натиҷа дар давоми 71 соли охир камтар аз 40 ҳодисаи муноқишаи шадиди вобаста ба об ба қайд гирифта шудааст. Бо вуҷуди ин, танҳо тақрибан сеяки обҳои рӯйизаминии фаромарзӣ (дарёҳо ва кӯлҳо) ва камтар аз як фоизи обҳои зеризаминии фаромарзӣ дорои механизмҳои муассири ҳамкорӣ мебошанд [78].

Дар чунин шароит об бояд на танҳо ҳамчун захираи табиии маҳдуд, балки ҳамчун унсури бисёрҷанба ва стратегӣ, фаромарзӣ, байнисоҳавӣ ва трансмиллӣ дар раванди таъмини рушди устувор арзёбӣ гардад. Ноил шудан ба чунин фаҳмиш тақозо менамояд, ки масъалаҳои вобаста ба об аз доираи танги баррасии сирф техникӣ берун оварда шуда, ба сатҳи сиёсӣ, институтсионалӣ ва дипломатӣ интиқол дода шаванд. Танҳо дар чунин сурат метавон заминаҳои таъмини амнияти обӣ ва устувории низоми идоракунии захираҳои обро дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ фароҳам овард.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ ба баррасии масъалаи «**Дипломатияи об ва ҷойгоҳи он дар таъмини амнияти обӣ**» бахшида шуда, таҳлили масъалаҳои ҳамкориҳои сиёсӣ дар самти таъмини рушди устувори глобалӣ ва аҳаммияту зарурати онро дар шароити буҳрони экологӣ фаро мегирад.

Зербоби 2.1. – «**Арзёбии ҷанбаҳои геополитикии амнияти обӣ дар шароити муосир**» ба омӯзиши масъалаи муҳими таъмини рушди устувори амнияти обӣ ва аҳаммияти он барои давлатҳо бахшида шудааст.

Дер боз захираҳои табиӣ бо аҳаммияти геополитикашон самтгирии сиёсати давлатҳоро муайян намуда, ё омили бархурди манфиатҳо, халалдор гардидани низоми суботи минтақавӣ ва байналмилалӣ ё омили ҳамгироиҳои дипломатӣ гардидаанд. Аз нигоҳи детерминистии ҷуғрофӣ, об на танҳо ҳамчун захираи табиӣ, балки ҳамчун омили муайянкунандаи сохтори иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа низ амал мекунад. Тақсимоти ҷуғрофӣ ва истифодаи захираҳои об равиши муносибатҳои байналмилалиро муайян мекунад, ба хусусияти муносибатҳои байни давлатҳо таъсир мерасонад ва асосан сатҳи низоъ ё зарфиати ҳамкории онҳоро муайян мекунад.

Масъалаҳои амнияти обӣ дар сиёсати муосир ба яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсӣ ва геополитикӣ табдил ёфтаанд. Дар шароити кунунӣ ҷомеаи ҷаҳонӣ бо ду мушкилоти ҳамбаста рӯ ба рӯст: камбуди захираҳои об ва шиддат гирифтани тағйирёбии иқлим. Ҳамгироии ин омилҳо сатҳи хатарҳоро боло бурда, на танҳо суботи миллӣ ва минтақавӣ, балки амнияти глобалиро низ таҳти таъсир қарор медиҳад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамояянд, ки «Ҳамкории пурсамар дар соҳаи об қодир аст, ки омили суръатбахши рушд гардад, набудани он бошад, баръакс, метавонад барои вазъи иқтисодиву иҷтимоии кишварҳои шомили ҳавзаҳои умумии об пайомадҳо ва хатарҳои ҷиддӣ эҷод созад. Дар бисёр минтақаҳои ҷаҳон таҳкими имкони-ятҳои ҳамкории фаромарзӣ дар соҳаи об ба рушди солиму муштараки ҳамаи кишварҳои наздисоҳилӣ мусоидат менамояд» [61].

Амнияти обӣ одатан ҳамчун ҳолате шарҳ дода мешавад, ки дар он ниёзҳои асосии аҳолӣ ва талаботи рушди иқтисодию иҷтимоӣ ба об боэътимод қонеъ мегарданд. Ба ибораи дигар, сухан дар бораи қобилияти ҷомеа барои истифодаи устувори захираҳои об меравад. Тибқи мавқеи ШҶО, амнияти об дар ҳар сатҳ, аз хонавода, то давлат маънои дастрасии пайвастаи аҳолӣ ба оби кофӣ, бехатар ва дастрасро бо дарназардошти ҳифзи муҳити зист дорад.

Муҳаққиқон навиштаанд, ки «имрӯз, беш аз 50 фоизи одамон дар минтақаҳое зиндагӣ мекунанд, ки ҳадди аққал як моҳ дар як сол норасоии обро аз сар мегузаронанд» [78]. Ван И. Бик, Арриенс В.Л. дар таҳқиқоти худ ишора мекунанд, ки «идоракунии устувори об ба як мушкили калидии ҷаҳонӣ табдил меёбад. Дар чунин шароит, мафҳуми «амнияти об» аз масъалаҳои сирф экологӣ фаротар рафта, ҷанбаҳои сиёсӣ, геополитикӣ ва иҷтимоию иқтисодиро дар бар мегирад. Тибқи маълумоти СММ, амнияти об ин таъмини дастрасии устувор ба миқдори кофии оби босифат барои ташкили шароити некӯаҳволии инсон, рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳифзи экосистемаҳо «дар фазои сулҳ ва суботи сиёсӣ» мебошад» [11, с. 11].

Мазмуни ин мафҳум танҳо бо таъмини дастрасӣ маҳдуд намешавад. Он идоракунии хавфҳои вобаста ба зиёдатии об (обхезӣ), камбуди он (хушксолӣ) ва ифлосшавии манбаъҳоро низ дар бар мегирад. Аз ин рӯ, амнияти об маҷмӯи унсурҳоро фаро мегирад: дастрасӣ ба манбаъҳо ва захираҳои об, сифати об,

рушди инфрасохтори обрасонӣ, идоракунии муассир ва коҳиши хавфҳои марбут ба об. Дар таҳлилҳои муосир барномаи фарогири амнияти об одатан ба се поя такя мекунад: баробарии иҷтимоӣ, устувории экологӣ ва самаранокии иқтисодӣ. Аз ҳамин лиҳоз, амнияти обӣ як категорияи бисёрҷанба буда, бевосита бо вазъи иҷтимоии аҳолӣ, рушди иқтисодӣ ва ҳифзи муҳити зист иртиботи зич дорад [6, с. 12].

Муҳаққиқон амнияти обро ҳамчун унсури ҷудонашавандаи рушди устувор мешуморанд, ки на танҳо бо таъмини оби нӯшокӣ ба аҳолӣ, балки бо идоракунии муштараки захираҳои об дар шароити коҳиши он, ифлосшавии захираҳои об ва тақсимоти нобаробар алоқаманд аст. То аввали асри XXI, он ба тавсифи системаи идоракунии захираҳои об шурӯъ кард, ки ба кам кардани хатарҳои аз ҳад зиёд, камобӣ ё сифати паст ба вуҷуд омада, нигаронида шудааст. Мафҳуми амнияти об аз доираи масъалаҳои иқлимиву экологӣ берун рафта, ба пояи сиёсӣ ва стратегӣ барои мавҷудияти устувори давлатҳо ва ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтааст.

Амнияти об ҳамчун яке аз баҳсҳои асосии «иқтисодиёти сабз» ва рушди устувор эътироф шудааст. Он мустақиман бо ҳадафҳои СММ, бахусус Ҳадафи 6-уми рушди устувор (SDG 6), ки тибқи он таъмини дастрасӣ ба оби тоза ва санитария барои ҳама аст, алоқаманд аст. Имрӯз дар сайёра зиёда аз 250 дарё ва кӯлҳои фаромарзӣ мавҷуданд, ки қариб 40 фоизи аҳолии ҷаҳонро бо об таъмин мекунанд ва аз ду то се ҳиссаи ин захираҳои оби тозаро давлатҳои гуногун тақсим мекунанд. Аммо, танҳо сеяки ин ҳавзаҳои обӣ тавассути созишномаҳои байналмилалӣ танзим карда мешаванд, ки ин осебпазирии бисёр минтақаҳоро афзоиш медиҳад ва идоракунии обро ба вазифаи муҳим дар сиёсат ва дипломатияи байналмилалӣ табдил медиҳад [78].

Аз нигоҳи геополитикӣ, назорат бар манбаъҳои об, дарёҳо ва обанборҳо аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунад, зеро он мустақиман ба амнияти озуқаворӣ, энергетикӣ ва амнияти миллии давлатҳо таъсир мерасонад.

Дар чаҳорчӯбаи детерминизми ҷуғрофӣ, ки вобастагии равандҳои иҷтимоию сиёсиро аз шароити табиӣ ва ҷуғрофӣ тасдиқ мекунад, об омили калидии рушди фазоӣ мебошад. Тафовутҳои иқлимӣ ва гидрологӣ боиси тақсимоти нобаробари захираҳои об мешаванд, ки ба стратегияҳои сиёсии давлатҳо таъсир мерасонанд. Кишварҳои дорои сатҳи баланди боришот ва имконоти васеи гидроэнергетикӣ неруи обии худро баъзан ҳамчун фишанги сиёсати хориҷӣ истифода намуда, дар натиҷа намунаҳои гуногуни вобастагии минтақавиро ташаккул медиҳанд.

Дар ин замина, об ба як захираи геополитикӣ табдил меёбад, ки назорати он мавқеи кишварро дар низоми байналмилалӣ муайян мекунад. Мавҷудияти захираҳои об ва иқтидори гидроэнергетикӣ устувории миллиро тақвият медиҳад, дар ҳоле ки норасоии онҳо метавонад ба вобастагӣ аз таъминкунандагони беруна оварда расонад ва соҳибихтиёрии давлатро заиф кунад. Ин падидаи «гидрогегемония» аст, ки давлатҳое, ки дар саргаҳи дарёҳои фаромарзӣ ё иншооти калидии гидротехникӣ қарор доранд ба кишварҳои поёноб таъсиргузор мегарданд.

Бо дарназардошти чунин ҳолат ташаббуси «Сулҳи кабуд», ки аз ҷониби Швейтсария дастгирӣ мешавад, истифодаи муштараки захираҳои обро ҳамчун омили сулҳ ва эътимод байни давлатҳо мешуморад [62]. Чунин лоиҳаҳо нишон медиҳанд, ки идоракунии самараноки ҳавзаи об ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад, танишҳоро коҳиш медиҳад ва равандҳои ҳамгироиро тақвият мебахшад.

Манфиатҳои миллии амнияти обӣ бо мавқеъҳои геополитикии давлатҳо зич алоқаманданд. Барои кишварҳое, ки захираҳои обӣ дар онҳо маҳдуд аст, амнияти обӣ бо амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ ҳаммаъно аст ва таъмини он яке аз авлавиятҳои сиёсати миллӣ ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, бисёр давлатҳо ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои обро ба ҳуҷҷатҳои стратегии амнияти миллӣ ва доктринаҳои сиёсати хориҷӣ дохил мекунанд. Ин дар таъсиси комиссияҳои фаромарзӣ, иштирок дар созишномаҳои байналмилалӣ ва таҳияи барномаҳои миллӣ барои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, барои Тоҷикистон таъмини амнияти обӣ ва рушди самараноки дипломатияи об ба сифати яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ ва ҷузъи муҳимми низоми амнияти миллӣ арзёбӣ мешавад.

Аммо ин маънои онро надорад, ки Тоҷикистон аз захираҳои обӣ танқисӣ мекашад. Ҳамоҳангсозии сиёсатҳо дар заминаи ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон ва иродаи сиёсӣ ба пешбурди ҳамзистии осоишта ва рушди ҳамгироёнаи иқтисодию иҷтимоии кишварҳои минтақа ва ҷаҳон равона шудааст.

Равандҳои муосири геополитикӣ, рақобатҳҳои сиёсӣ, тағйирёбии иқлим ва муборизаи афзоянда барои захираҳои табиӣ обро аз унсури табиӣ ба захираи стратегӣ ва геополитикӣ табдил дода, устуворӣ ва рушди давлатҳоро муайян мекунанд. Амнияти об имрӯз ҳамчун унсури калидӣ дар низоми амнияти миллӣ ва байналмилалӣ баррасӣ мешавад, ки на танҳо андозагириҳои экологӣ ва иқтисодӣ, балки андозагириҳои сиёсӣ ва ҷуғрофиро низ дар худ инъикос мекунад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аҳаммияти геополитикии захираҳои об дар қобилияти онҳо барои ташаккули стратегияҳои сиёсати хориҷии давлатҳо, тақвияти вобастагии минтақавӣ ва муайян кардани хусусияти муносибатҳои байналмилалӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳлили фарогир ва баррасии паҳлуҳои геополитикии амнияти обӣ дар шароити муосир имкон медиҳад, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи идора ва истифодаи захираҳои об бо диди дурнамо ва бар пояи асоснок таҳия карда шавад. Чунин равиш мутобиқати беҳтари қарорҳоро бо ҳадафҳои стратегии миллӣ таъмин менамояд.

Дар ин замина дипломатияи об ҳамчун воситаи муҳими пешгирии низоъҳо ва тақвияти ҳамкорӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Он ҳамчун механизми амалии ноил шудан ба амнияти обӣ хизмат намуда, бар принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, муколама ва манфиатҳои мутақобила асос меёбад. Таҷрибаи муваффақонаи созишномаҳои бисёрҷониба ва фаъолияти комиссияҳои муштарак нишон медиҳад, ки равишҳои дипломатӣ ва

ҳамоҳангшуда метавонанд устувории дарозмуддатро таъмин намуда, хатари низоъҳоро коҳиш диҳанд.

Тақвияти амнияти обӣ ба равиши ҳамаҷониба ниёз дорад, ки идоракунии самараноки захираҳо, ҳамкории байналмилалӣ ва ҳамгироии стратегияҳои экологӣ ва сиёсиро дар бар мегирад. Дар оянда ҳамоҳангии таҳқиқоти геополитикаи об ва рушди дипломатияи об метавонад заминаи ташаккули низоми нави ҳамкории ҷаҳониро фароҳам оварад, ки дар он об на манбаи низоъ, балки рамзи ҳамкорӣ ва рушди устувор мегардад.

Дар зербоби дуюми боби дуюм «**Ҷойгоҳи дипломатияи об дар таъмини амнияти обӣ дар шароити муосир**» масъалаҳои марбут ба нақши дипломатияи об дар таъмини амнияти обӣ мавриди тавсиф ва таҳлил қарор гирифтаанд.

Мафҳуми «амнияти об» шаклан падидаи нав, вале моҳиятан падидаи дорои решаҳои таърихӣ буда, фарогири масъалаҳои табиии таъмини бехатарии ҷомеа вобаста ба дастрасӣ ба ҳаҷми кофии об, ҳифзи ҷомеа аз офтаҳои табии марбут ба об ва пайомадҳои хавфноки омилҳои антропогении вобаста ба обро дарбар мегирад. Ба андешаи Д. Грей, «амнияти об ҳамчун мавҷудияти об дар миқдор ва сифати қобили қабул барои таъмини саломатӣ, воситаҳои зиндагӣ, экосистемаҳо ва истеҳсолот ва сатҳи қобили қабули хатарҳои марбут ба об ба одамон, муҳити зист ва иқтисодиёт муайян карда мешавад» [85, с. 545-57]. Тибқи мандешаи дигар, «амнияти об гуфта, имконияти дастрасии устувори аҳолӣ ба миқдори кофии оби босифат, ки барои таъмини воситаҳои зиндагӣ, некӯаҳволии инсон ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ он зарур мебошад фаҳмида мешавад. Ҳамзамон, зери ин мафҳум ҳифзи ҷомеа аз захролудшавӣ аз обҳои ифлос, офатҳои марбут ба об, муҳити зист, иқлим ва амнияти сиёсӣ фаҳмида мешава» [85, с. 545-57].

Мушкилоти дастрасӣ ба об имрӯз ба яке аз масъалаҳои муҳимми глобалӣ табдил ёфтааст. Аҳолии рӯйи Замин босуръат меафзояд, ки ин раванд ба афзоиши талабот ба захираҳои обӣ оварда мерасонад. Аз дидгоҳи илми сиёсӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва амнияти миллӣ, дипломатияи об шакли махсуси ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлатҳо дар шароите мебошад, ки об тадриҷан ба захираи нодир, сармояи геостратегӣ ва омили таъсиррасон ба мувозинати қудратҳо табдил меёбад.

Илова бар ин, саноатикунонии босуръат ва раванди шаҳрнишинӣ боиси зиёд гардидани партовҳои саноатӣ ва ифлосшавии об гардида, сифати захираҳои оби тозаро коҳиш медиҳад. Дар бисёр кишварҳо инфрасохтори кӯҳнаи таъминоти об ба талафоти назарраси об оварда мерасонад. Тибқи баъзе таҳлилҳо, то 37 фоизи тамоми оби истифодашаванда бинобар мудирияти ғайрисамаранок ва истифодаи технологияҳои кӯҳнаи обёрии давраи шуравӣ талаф мегардад. Ин гуна талафоти калон вазъи норасоии обро боз ҳам шадидтар мегардонад [84].

Илова бар афзоиши талабот ва мудирияти нокифоя, тағйирёбии иқлим низ дастрасӣ ба захираҳои обиро мушкилтар мегардонад. Гарчанде ки Конфронси аввалини байналмилалӣ оид ба об соли 1977 баргузор гардида буд,

пас аз гузашти тақрибан ним аср тағйирёбии глобалии иқлим ба яке аз таҳдидҳои ҷиддитарини замони муосир табдил ёфтааст [45, с. 75-76]. Гарму хушк шудани иқлим, обшавии пиряхҳо, хушксолиҳои пайдарпай ва дигар офатҳои табиӣ, ки дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ба вуҷуд меоянд, боиси кам шудани захираҳои оби тоза ва ноустувор гардидани таъминоти об мегарданд.

Бо дарназардошти чунин таҳдидҳо, ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хулоса омадааст, ки ҳалли мушкилоти печидаи вобаста ба об бидуни ҳамкориҳои фарогир ва дипломатияи фаъоли об ғайриимкон мебошад. Мушкилоти об бо сарҳадҳои сиёсӣ маҳдуд намешаванд. Дарёҳо ва кӯлҳо аз қаламрави якчанд давлат гузашта, истифодаи оқилонаи онҳо талоши муштараки кишварҳоро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, дар шароити таҳдиди муштараки норасоии об, давлатҳо бояд манфиатҳои умумиро дарк намуда, ҳамкориҳоро аз ихтилофот болотар гузоранд.

Дар чунин шароит дипломатияи об ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати хориҷӣ ва низоми таъмини амнияти миллӣ ба давлатҳо имкон медиҳад, ки масъалаҳои ҳассосу мураккаби вобаста ба истифода, тақсимот ва идоракунии захираҳои оби фаромарзиро дар доираи ҳамоҳангсозии манфиатҳои миллӣ, талаботи ҳуқуқи байналмилалӣ ва принсипҳои амнияти дастаҷамъӣ мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Арзёбии илмии ҷойгоҳи дипломатияи об нишон медиҳад, ки он метавонад ҳамчун механизми пешгирикунандаи таҳдидҳои амниятӣ хизмат намуда, хавфи низоъҳои захиравиро коҳиш диҳад, эътимоди мутақобиларо тақвият бахшад ва барои ташаккули муҳити мусоиди ҳамкории минтақавӣ мусоидат намояд.

Барои Тоҷикистон, ки дорои иқтидори бузурги гидрологӣ ва нақши калидӣ дар низоми обии минтақа мебошад, дипломатияи об аҳаммияти хосси стратегӣ дорад. Он ҳамчун воситаи татбиқи манфиатҳои миллӣ, ҳифзи соҳибихтиёрии давлатӣ ва таҳкими амнияти миллӣ баромад мекунад. Аз дидгоҳи назариявии амнияти миллӣ, дипломатияи об танҳо ба масъалаҳои экологӣ ё иқтисодӣ маҳдуд намешавад, балки ба равандҳои сиёсӣ, амниятӣ ва геополитикӣ низ таъсири фарогир мерасонад.

Идоракунии самараноки захираҳои об метавонад ҳамчун омили муҳимми таҳкими суботи давлатӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва боло бурдани нуфузи байналмилалии кишвар хизмат намояд. Дар шароите, ки рақобат барои захираҳо торафт хусусияти фаромиллӣ ва бисёрҷанба мегирад, дипломатияи об ба фишанги стратегии «қувваи нарм» табдил меёбад. Он ба давлат имкон медиҳад, ки тавассути ташаббусҳои созанда, муколамаи сиёсӣ ва ҳамкории институтсионалӣ манфиатҳои миллии худро ҳимоя намуда, ҳамзамон симои шарики масъули ҷомеаи байналмилалиро тақвият бахшад.

Ҳамин тариқ, ҷойгоҳи дипломатияи об дар таъмини амнияти об аз дидгоҳи илмӣ ва стратегӣ ба таври мусбат арзёбӣ мегардад. Он ҳамчун омили муҳими ҳамгироии манфиатҳои миллӣ, амнияти давлатӣ ва рушди устувор баромад мекунад. Дипломатияи об, ки ба донишҳои илмӣ, таҳлилҳои геополитикӣ ва манфиатҳои стратегии амнияти миллӣ такя менамояд, барои давлатҳо имконияти нав фароҳам меорад. Дар доираи чунин равиш об аз

манбаи эҳтимолии таниш ба абзори муассири таҳкими сулҳ, субот ва рушди дарозмуддат табдил меёбад.

Боби сеюми диссертатсия «**Масъалаи об ва ҷойгоҳи он дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон**» аз ду зербоб иборат буда, дар он хусусиятҳои масъалаи об дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидаанд.

Дар зербоби 3.1. «**Аҳаммияти дипломатияи об дар таҳкими имиҷи сиёсии Тоҷикистон**» диққати асосӣ ба омӯзиши раванди ташаккули дипломатияи об ва нақши он дар болоравии имиҷи сиёсӣ ва нуфузи байналмилалии кишвар равона гардидааст.

Таҳкими мақоми байналмилалӣ барои ҳар як давлати соҳибихтиёр аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии он маҳсуб ёфта, он тавассути василаҳои гуногуни иқтисодию гуманитарӣ ва сиёсию ҳарбӣ анҷом дода мешавад.

Таҳқиқи таҷрибаи кишварҳои соҳибихтиёри ҷаҳон нишон медиҳад, ки ҳар як кишвар бо истифода аз имкониятҳои худ дар арсаи байналмилалӣ мавзуъҳо ва самтҳои хосро ҳадафмандона мавриди пайгирӣ ва пешбурд қарор дода, тавассути он ба таҳкими мақом ва нуфузи хеш бунё гузоштааст.

Қисме аз кишварҳои ҷаҳон бо назардошти ҳудуд, ҳаҷми калони захираҳои табиӣ, иқтидори иқтисодӣ, шумораи аҳолӣ, иқтидори ҳарбӣ, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ мақоми байналмилалӣ пайдо намуда, имиҷи хосаро касб намудаанд.

Бештари ҳолатҳо мақоми байналмилалии кишварҳо, алалхусус кишварҳои нисбатан хурд аз муносибати онҳо бо масъалаҳои ҳаётан муҳими рӯзномаи сиёсии ҷаҳонӣ ва саҳмгузорӣ дар ҳалли чунин масъалаҳо вобаста аст.

Имрӯз таркиби ин масъалаҳо гуногунсамт ва бисёрсоҳа буда, афзалияти бештар ба ҳалли масъалаҳои сулҳ ва амнияти пойдор дар ҷаҳон, амнияти озуқаворӣ, коҳиш додани пайомадҳои манфиии тағйирёбии иқлим, таъмини дастрасии бештари ҷомеа бо ҳаҷми зарурии об, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва фароҳам овардани шароити арзандаи зиндагӣ ба кулли ҷомеаи ҷаҳонӣ дода шудааст.

Дар шароити муосири рушди тағйирёбии иқлим, камшавии захираҳои табиӣ, афзоиши аҳолӣ ва шиддат гирифтани рақобати геополитикӣ барои дастрасӣ ба манобеи ҳаётан муҳим тавсиф меёбад. Дар чунин замина, дипломатияи об ҳамчун шакли махсуси фаъолияти сиёсӣ ва дипломатӣ зуҳур намуда, ба воситаи ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлатҳо, ташаккули эътимоди мутақобил ва пешгирии ихтилофҳои марбут ба захираҳои обӣ нақши муҳим мебозад. Ин раванд махсусан барои кишварҳое аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунад, ки дар минтақаҳои дорои вобастагии баланди гидрологӣ қарор дошта, нақши калидӣ дар ташаккули низоми обии фаромиллӣ доранд.

Тоҷикистон, ки сарчашмаи асосии захираҳои обии Осиёи Марказӣ маҳсуб мешавад, дар низоми минтақавии идоракунии об мавқеи стратегӣ дорад. Аз замони соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон масъалаи обро ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худ табдил дода, ба ҳамгироӣ ва ҳамкории минтақавию байналмилалӣ таваҷҷуҳ кардааст. Дар Консепсияи

сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст, ки «бо назардошти зиёдшавии аҳолӣ, тавсеаи масоҳати заминҳои кишоварзӣ, истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои обӣ, тағйирёбии иқлим ва мушкилоти муҳити зистӣ, масъалаи норасоии оби тоза, баҳрабардорӣ аз рӯдҳои хурду бузурги фаромарзӣ ва дигар масъалаҳои вобаста ба об ба омилҳои таъсиргузор ба низоми муносибатҳои байналмилалӣ табдил ёфтаанд. Дар ин самт, Осиёи Марказӣ аз минтақаҳои ҳассос ба шумор меравад. Тоҷикистон, чун кишвари дорои захираҳои фаровони об, ҷонибдори истифодаи одилона ва оқилонаи он захираҳо тавассути ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ мебошад ва татбиқи пайгиронаи дипломатияи ҳамкорӣ дар соҳаи обро ягона василаи ҳалли мушкилот дар ин самт медонад» [31].

Ҳамин тариқ, раванди ташаккули дипломатияи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар табдил ёфтааст. Тоҷикистон бо такя ба захираҳои фаровони обӣ ва мавқеи геостратегии худ дар ҳавзаҳои дарёҳои фаромарзӣ тавонист масъалаи обро аз сатҳи техникию соҳавӣ ба сатҳи рӯзномаи минтақавӣ ва глобалӣ барорад.

Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон, бахусус дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, нишон медиҳанд, ки кишвар ба ҳайси ташаббускори муҳим дар рушди дипломатияи об баромад мекунад.

Дар маҷмӯъ дипломатияи об ба абзори муҳими «қувваи нарм»-и Тоҷикистон табдил ёфта, на танҳо ба ҳалли масъалаҳои обӣ, балки ба таҳкими мавқеи сиёсӣ, боло бурдани обрӯи байналмилалӣ ва пешбурди модели рушди устувори кишвар мусоидат менамояд.

Зербоби 3.2. «**Дурнамои рушди дипломатияи об ва нақши он дар таъмини амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ**» ном гирифтааст.

Дар шароите, ки талабот ба захираҳои об пайваста меафзояд, нақши омили об дар муносибатҳои байнидавлатӣ боз ҳам муҳимтар мегардад. Об марзҳои сиёсиро намепазирад ва кишварҳоро дар истифодаи он ба ҳам вобаста месозад. Бартарии ҷуғрофӣ ба баъзе давлатҳо имкон медиҳад манбаъҳои обро зери назорат нигоҳ доранд. Дар ҳолатҳои муайян ин имконият метавонад барои ҳадафҳои сиёсӣ истифода шавад. Ин масъала махсусан барои Осиёи Марказӣ, ки тақсимоти захираҳои об дар он нобаробар аст, хеле ҳассос мебошад.

Об ва иқлим бо ҳам робитаи зич доранд. Тағйирёбии иқлим пеш аз ҳама тавассути захираҳои об ба ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таъсир мерасонад. Ин раванд метавонад ба амнияти сиёсӣ низ таъсири ҷиддӣ расонад.

Дар чунин шароит захираҳои об ба яке аз унсурҳои осебпазири муҳити табиӣ табдил меёбанд. Дар натиҷа ҳолати муътадили ҳифз ва истифодаи онҳо халалдор мегардад.

Пиряхҳои хушкӣ, аз ҷумла пиряхҳои Тоҷикистон, махсусан зери таъсири ин раванд қарор доранд. Гармоиши иқлим суръати обшавии онҳоро афзоиш додааст. Ин ҳолат метавонад амнияти обиро дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ заиф намояд. Бар асоси маълумотҳо, аз тақрибан 14 ҳазор пирях беш аз

ҳазортои онҳо пурра аз байн рафтаанд. Дар чанд даҳсолаи охир ҳаҷми умумии пиряхҳои кишвар тақрибан сеяк коҳиш ёфтааст [63].

Тағйирёбии иқлим бештар тавассути ихтилол дар гардиши об зоҳир мешавад. Ин раванд ба зиёд шудани басомад ва шиддати ҳодисаҳои ифротии обу ҳаво оварда мерасонад. Дар натиҷа захираҳои об кам шуда, сифати он паст мегардад ва дастрасӣ ба оби нӯшокӣ маҳдуд мешавад. Чунин тамоюл ба рушди устувор, ҳифзи гуногунии биологӣ ва татбиқи ҳуқуқи инсон ба обу беҳдошт таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунад.

Дар ин шароит сиёсати давлатӣ дар соҳаи иқлим ва рушд бояд ҳамгироии чораҳои мутобиқшавӣ ва идоракунии захираҳои обро таъмин намояд. Бо дарназардошти афзоиши норасоии об, қабули қарорҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок аҳаммияти калидӣ пайдо мекунад. Тақсими самараноки об миёни бахшҳои гуногун бояд маҳз бар чунин равиш такя намояд.

Идоракунии захираҳои об зарур аст аз нуқтаи назари устуворӣ ва тобоварӣ ба тағйирёбии иқлим арзёбӣ шавад. Дар ин замина такмили пойгоҳи иттилоотии гидрологӣ, таҳкими низоми институтсионалӣ, рушди иқтидори кадрӣ ва арзёбии мунтазами хатарҳо аҳаммияти махсус доранд. Ҳамзамон густариши мубодилаи дониш ва ҷалби сармоягузории иловагӣ низ талаб карда мешавад.

Тағйирёбии иқлим дорои хусусияти умумиҷаҳонӣ буда, ҳудудҳои миллиро маҳдуд намесозад ва тақозо менамояд, ки қарорҳои сиёсӣ дар сатҳҳои маҳаллӣ, миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ ҳамоҳанг карда шаванд. Тақвияти ҳамкориҳои байнидавлатӣ метавонад ба кишварҳо дар гузариш ба иқтисодиёти камкарбон ва устувор мусоидат намояд.

Баландшавии ҳарорати миёнаи ҳаво дар натиҷаи тағйирёбии иқлим боиси афзоиши бухоршавӣ гардида, норасоии оби тозаи ошомиданӣ ва оби полезиро барои аҳолӣ ва бахши кишоварзӣ шиддат мебахшад. Ин вазъ ҳамзамон хавфи ба вуҷуд омадани буҳрони озуқавориро зиёд намуда, ба суботи иҷтимоӣ ва амнияти давлатӣ таҳдид мекунад. Дар чунин шароит афзоиши офатҳои табиии вобаста ба об, аз ҷумла сел, ярч ва обхезиҳо, ба талафоти ҷиддии иқтисодӣ, молиявӣ ва инсонӣ оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, идоракунии захираҳои об аксаран хусусияти минтақавӣ дошта, сафарбар намудани тамоми иқтидорҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва институтсионалиро талаб мекунад. Аз ин рӯ бояд таъкид намуд, ки об ҳамчун асоси ҳаёт дорои аҳаммияти умумибашарӣ мебошад ва масъулияти ҳифз ва истифодаи оқилонаи он ба ҳар як субъекти ҷомеа дахл дорад. Дар сурати муттаҳид сохтани тамоми захираҳо ва имкониятҳои мавҷуда ҷиҳати ҳалли мушкилоти обӣ, ин захира метавонад на манбаи ихтилоф, балки омили рушди устувор ва шукуфоии дарозмуддати Осиёи Марказӣ гардад.

## ХУЛОСА

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар рисолаи илмӣ масъалаҳои гуногуни марбут ба дипломатия ва ҷойгоҳи он дар низоми татбиқи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Диққати асосӣ ба масъалаи амнияти обӣ равона шудааст, зеро маҳз амнияти обӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимми рушди устувори ҷомеа ҳам дар сатҳи миллӣ, ҳам минтақавӣ ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ арзёбӣ мегардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди рушди табиӣ дар шароити муосир хусусияти мураккаб ва то андозае буҳронӣ касб кардааст. Тағйирёбии иқлим, инчунин афзоиши рақобат барои дастрасӣ ба захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои об, ба ин раванд таъсири ҷиддӣ мерасонанд.

Дар чунин шароит давлатҳо ва ҷомеаҳо маҷбур мешаванд ба масъалаҳои рушди устувор ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар шароити афзоиши таҳдидҳо ва хатарҳои иқлимии муосир сиёсати ҳамкории созанда ва дипломатияи мутавозинро пайгирона пеш мебарад.

Бо дарназардошти ин ҳолат, натиҷаҳои асосии таҳқиқотро метавон дар шакли хулосаҳои зерин пешниҳод намуд:

1. Дар доираи таҳқиқоти мазкур дипломатияи об ҳамчун самти муосири илмӣ ва амалии фаъолияти сиёсати байналмилалӣ бо назардошти омилҳои табиӣ, сиёсӣ ва геостратегии муосир мавриди таҳлили фарогир қарор гирифтааст. Моҳияти он ҳамчун шакли мустақили фаъолияти дипломатӣ асоснок гардидааст. Таҳлил нишон медиҳад, ки ташаккули дипломатияи об ба зарурати танзими одилонаи истифодаи захираҳои оби фаромарзӣ ва пешгирии муноқишаҳои эҳтимолӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ вобаста мебошад. Осори назариявии ин шакли дипломатия нишон медиҳад, ки он аз баъзе ҷиҳатҳо аз шаклҳои анъанавии муносибатҳои байналмилалӣ фарқ дошта, бештар ба принсипҳои муколама, ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва таъмини устувории стратегӣ такя мекунад [1-М].

2. Таҳқиқот нишон дод, ки заминаҳои табиӣ ва иқлимии минтақаҳои дорои захираҳои оби фаромарзӣ, махсусан дар Осиёи Марказӣ, на танҳо ҳамчун омили экологӣ, балки ҳамчун воқеияти муҳими сиёсӣ ва стратегӣ арзёбӣ мешаванд. Таъмини дастрасии одилона ба захираҳои об дар шароити афзоиши фишорҳои демографӣ ва тағйирёбии иқлим, инчунин ҳифзи суботи минтақавӣ ва устувории сиёсати хориҷии кишварҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба сатҳи рушди институтсионалӣ ва иқтидори дипломатии давлатҳо вобаста мебошад. Дар чунин шароит дипломатияи об ҳамчун воситаи муҳими танзими муносибатҳо, таҳкими эътимоди мутақобила ва густариши ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунад [2-М; 3-М].

3. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дипломатияи об барои Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо омили муҳими пешбурди сиёсати хориҷӣ, балки воситаи муассири ташаккули имиҷи мусбати байналмилалӣ ва пешбурди ташаббусҳои глобалӣ дар соҳаи об мебошад. Стратегияи давлатии кишвар дар ин самт, ки тавассути ташаббусҳо, баромадҳо ва баргузор намудани чорабиниҳои сатҳи баланд, аз ҷумла конфронсҳои байналмилалии марбут ба масъалаҳои об дар доираи

Созмони Милали Муттаҳид амалӣ мегардад, нишон медиҳад, ки Тоҷикистон дар ташаккули рӯзномаи глобалии об нақши фаъол дорад [5-М].

4. Натиҷаҳои таҳқиқот нақши муҳими идоракунии захираҳои обро ҳамчун яке аз омилҳои асосии ташаккули сиёсати минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ нишон медиҳанд. Дар шароите, ки механизмҳои ҳуқуқии танзими захираҳои оби фаромарзӣ пурра ташаккул наёфтаанд, сатҳи эътимоди байнидавлатӣ маҳдуд буда, ҳамоҳангсозии амалҳо дар сатҳи лозимӣ таъмин намегардад, хатари ба вуҷуд омадани ихтилофҳо дар минтақа меафзояд. Дар чунин вазъ дипломатияи об на танҳо воситаи танзими муносибатҳо, балки платформаи муҳими ҳамгироии сиёсӣ ва минтақавӣ мебошад, ки метавонад ба таҳкими суботи стратегӣ ва рушди устувори минтақа мусоидат намояд [4-М].

5. Таҷрибаи пешбурди дипломатияи об аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тарҳ ва консепсияи мукаммали таҳмини ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ дар соҳаи об буда, ба рушди муносибатҳои дӯстӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ дар ҳамаи минтақаҳои дорои захираҳои оби муштарак мусоидати фаъол менамояд. Бо фаъолияти дипломатӣ дар соҳаи об Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҷрибаи ҷаҳонӣ нахустин шуда василаҳои муассир ва фароҷаҳонии ҳалли мушкилоти вобаста ба обро дар арсаи байналмилалӣ пешниҳод намуданд ва обро ба абзори таъмини сулҳ, амнияти башарӣ, рушди устувор ва ҳамзистии осоишта табдил доданд [5-М].

6. Дар маҷмуъ, натиҷаҳои таҳқиқот барои таҳияи сиёсати миллӣ ва минтақавӣ дар соҳаи идоракунии захираҳои об, таҳияи барномаҳои таълимӣ дар соҳаи дипломатияи об, омодасозии мутахассисони соҳавӣ, такмили созишномаҳои фаромарзӣ ва таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманд байни давлатҳо заминаи илмии муътамад фароҳам меоранд. Ин таҳқиқот метавонад ҳамчун асоси назариявӣ ва амалӣ барои татбиқи механизмҳои “қувваи нарм” ва рушди дипломатияи экологӣ хизмат намуда, барои ворид намудани принсипҳои дипломатияи об ба амалияи сиёсати хориҷии давлатҳо мусоидат намояд [6-М; 7-М; 8-М; 9-М].

## I. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Дар робита ба натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқоти илмӣ оид ба ҷойгоҳи дипломатияи об, зарур аст пешниҳодҳои амалии зеринро барои истифодаи мақсадноки онҳо дар заминаҳои сиёсӣ, илмӣ ва таълимӣ дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ ба таври зайл баён намуд:

1. Бо назардошти таҳлили назариявӣ ва методологии дипломатияи об ҳамчун шакли махсуси дипломатияи муосир, тавсия дода мешавад, ки ин раванд ба таври муназзам дар шакли курсҳои махсус ба барномаҳои таҳсилоти олӣ, хусусан дар бахшҳои илмҳои сиёсӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ ворид гардад. Омӯзиши амиқи принсипҳо ва функсияҳои дипломатияи об дар тарбияи мутахассисони соҳаи сиёсати хориҷӣ, экологӣ ва ҳамкориҳои фаромарзӣ нақши муассир мебозад.

2. Бо назардошти заминаҳои табиӣ ва асосҳои амалии шаклгирии дипломатияи об, хусусан дар шароити тағйирёбии иқлим ва норасоии захираҳои об, пешниҳод мегардад, ки сохторҳои давлатӣ ва ниҳодҳои илмӣ якҷо платформаҳои таҳлили сиёсати обро таъсис диҳанд. Ин платформаҳо метавонанд ҳамчун марказҳои арзёбии хатарҳо ва таҳияи стратегияҳои ҳамкорӣ дар масоили марбут ба об хизмат намоянд.

3. Арзёбии ҷанбаҳои геополитикии амнияти обӣ, ки дар диссертатсия бо далелҳои илмӣ асоснок шудааст, бояд ба таври мустақим дар таҳияи сиёсати амнияти миллӣ ва минтақавӣ ба инобат гирифта шавад. Зарур аст, ки мақомоти дахлдор дипломатияи обро ҳамчун унсури стратегии сиёсати хориҷӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ ба таври возеҳ дар сиёсати давлатӣ инъикос намуда, барои татбиқи он заминаҳои махсуси институтсионалӣ ва меъёрии ҳуқуқиро таъсис ва такмил диҳанд.

4. Бо назардошти аҳаммияти калидии дипломатияи об дар таъмини амнияти обӣ, зарур аст, ки ин шакли ҳамкории байнидавлатӣ бар асоси принсипҳои пешгирӣ ва ҳаллу фасли мусолиматомези ихтилофоти эҳтимолӣ, инчунин таҳкими ҳамкориҳои созанда татбиқ гардад. Бо ин мақсад, таҳия ва амалисозии созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи минтақавӣ бо иштироки фаъол ва омодагии тарафайн ҷиҳати мубодилаи шаффофи иттилоот, муайян намудани меъёрҳои одилона ва қобили қабул барои истифодаи захираҳои об, инчунин роҳандозии механизмҳои муассири идоракунии муштараки онҳо тавсия дода мешавад.

5. Бо мақсади таҳкими имиҷи сиёсӣ ва байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар доираи таҳқиқот баррасӣ гардидааст, идомаи мунтазам ва пайгиронаи ташаббусҳои кишвар дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Ҳамзамон бояд механизмҳои ҳамоҳангсозии дохилиидоравӣ таҳким ёбанд, то имкониятҳои сиёсӣ ва дипломатии кишвар дар ин самт пурра истифода шаванд.

6. Дар робита ба ҷанбаҳои сиёсӣ ва геостратегии идоракунии захираҳои об дар Осиёи Марказӣ тавсия мегардад, ки бо ташаббуси кишварҳои минтақа, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон, платформаҳои ҳамкории доимӣ таъсис дода шаванд. Ин платформаҳо бояд ҳам мушкилоти мубрами дастрасӣ ва идоракунии захираҳои об ва ҳам баҳсҳои сиёсиро дар сатҳи муколамаи боварнок ҳаллу фасл намоянд. Бо дарназардошти воқеиятҳои муосири геополитикӣ, зарур аст, ки дипломатияи об ба сифати воситаи нарми таъмини амният ва суботи минтақавӣ дар меҳвари сиёсати хориҷии давлатҳо қарор гирад.

## ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБ АЗ РУЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### 1. Интишороти довталаб дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Каримов, Р.Р. Раванди ташаккули дипломатияи об ва аҳамияти он дар таҳкими имиҷи сиёсии Тоҷикистон / Р.Р. Каримов // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – №4/3 (76). – С. 379. ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2664-0651(Online)

[2-М]. Каримов, Р.Р. Ҷанбаҳои геополитикии об ва амнияти обӣ / Р. Р. Каримов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2025. – 4 (20). – С. 230-237. ISSN 2710-4672

[3-М]. Каримов, Р.Р. Ҷанбаҳои сиёсии идоракунии захираҳои об ва нақши он дар таъмини амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ / Р.Р. Каримов // Идоракунии давлатӣ. – 2025. – №4/2 (76). – С. 425-131. ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2664-0651(Online)

[4-М]. Каримов, Р.Р. Заминаҳои назариявии ташаккули дипломатияи об ҳамчун самти нав дар муносибатҳои байналмилалӣ / Р.Р. Каримов // Паёми Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиа. 2026. - №1/5. – С. 160-166. ISSN 2709

[5-М]. Каримов, Р.Р. Ҷумҳурии Тоҷикистонҳамчун кишвари пешбарандаи рӯзномаи ҷаҳонии об / Р. Р. Каримов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. – 2026. – 1 (21). – С. 212-219. ISSN 2710-4672

2. Интишороти довталаб дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ

[6-М]. Каримов, Р.Р. Самаранокии идоракунии давлатӣ ва критерияҳои асосии баҳодиҳии он [Матн] / Р.Р. КаримовМ.А., Муминов // Конференсияи илмӣ-амалӣ байналмилалӣ дар мавзуи «Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатб: моделҳои муосири самаранокии он» – Душанбе, 2021. – С. 464-469

[7-М]. Каримов, Р.Р. Василаҳои пешбурди таъмини амнияти об дар шароити тағйирёбии вазъи глобалӣ [Матн] / Р.Р. Каримов // Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Дипломатия об ҳамчун омили таъминсозандаи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва рушди устувор». – Душанбе, 2025. – С. 127-138.

[8-М]. Каримов, Р.Р. Нақши пешниҳодҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба об дар ҳалли мушкилоти обии сайёра [Матн] / Р.Р. Каримов // Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Мафкурасозии сиёсӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ» Душанбе, 2024. – С. 290-306.

[9-М]. Каримов, Р.Р. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими геополитикаи муосир [Матн] / Р.Р. Каримов // Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар таҷдид ва рушди фарҳанги миллӣ» - Душанбе, 2025. – С. 467-475

**АКАДЕМИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ**
**ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

УДК: 327.2(575.4)

*На правах рукописи*

**КАРИМОВ РАХМАТУЛЛО РАМАЗОНОВИЧ**

# ВОДНАЯ ДИПЛОМАТИЯ И ЕЁ МЕСТО ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ ТАДЖИКИСТАНА

**АВТОРЕФЕРАТ**
диссертации на соискание учёной степени
кандидата политических наук по специальности
23.00.04 – Политические проблемы международных отношений,
глобального и регионального развития

**ДУШАНБЕ – 2026**

Диссертация выполнена на кафедре политологии и связей с общественностью Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан

| | |
|---|---|
| **Научный руководитель:** | **Кувватзода Сайдулло Зувайд** – доктор политических наук, профессор, заведующий сектором образования и науки Управления образования, культуры и информации Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан |
| **Официальные оппоненты:** | **Каримов Шамсиддин Турсунматович** – доктор политических наук, главный научный сотрудник отдела США и Канады Института изучения проблем государств Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана<br>**Рустамзода Завкиддин Рустам** – кандидат политических наук, доцент, декан факультета педагогики и филологии Государственного образовательного учреждения «Худжандский международный институт» ГОУ «Таджикистанский международный университет туризма и предпринимательства». |
| **Ведущая организация:** | Кулябский государственный университет имени Абуабдулло Рудаки |

Защита диссертации состоится «19» сентября 2026 года в 13 00 часов на заседании диссертационного совета 6D.KOA-079 при Институте философии и политологии имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана (734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33).

С содержанием диссертации можно ознакомиться в научной библиотеке имени Индиры Ганди Национальной академии наук Таджикистана и на официальном сайте Института философии и политологии имени А. Баховаддинова (www.ifppanrt.tj).

Автореферат разослан «___» _____ 2026 года.

Учёный секретарь
диссертационного совета,
кандидат политических наук
Email: sanginov1953@mail.ru  Сангинов Н.Н.

# В В Е Д Е Н И Е

**Актуальность темы исследования.** В условиях трансформации современных международных отношений и геополитической ситуации нарастается напряженность и появляется необходимость укрепления международного диалога и развития дипломатического взаимодействия. Кроме того, в современных условиях происходит расширение межгосударственного сотрудничества и поэтому появляется также потребность в согласовании внешней политики государства. В таких условиях поддержания мира и обеспечения устойчивой международной безопасности станет возможными только на основе дипломатии и конструктивного диалога. Следует отметить, что в процессе политического, военного, стратегического, экономического и культурного развития сильно изменяются дипломатические отношения. В этих процессах формируются новые направления взаимодействия, углубляются или ухудшаются процессы сотрудничества и интеграции.

Наряду с указанными проблемами требует особого внимания также вопросы использования водных ресурсов и обеспечения водной безопасности в глобальном масштабе. Поэтому сегодня водная проблематика превратилась в одно из насущных проблем международной политической повестки дня. Исходя из этого на данный момент идет поиск путей развития политического диалога, институциональных механизмов взаимодействия и многоуровневого сотрудничества, которые делают возможной эффективное решение водных проблем. В этом контексте водная дипломатия является новым направлением дипломатической деятельности. Она обладает специфическими характеристиками и закономерностями. Самое главное, водная дипломатия предопределяет необходимость комплексного научного осмысления водных проблем в рамках политической науки.

С учетом вышеназванных вопросов можно сказать, что сегодня водная проблематика воспринимается как самостоятельное направление переговорного процесса и политического диалога. Раньше ее рассматривали как техническая или экономическая проблема. На основе такой трансформации в системе международных отношений появилось понятие водная дипломатия. Сегодня это понятие имеет особое значение и выступает в качестве инструмента согласования интересов и укрепления сотрудничества государств в сфере управления водными ресурсами. В связи с этим следует отметить, что объективная природа водных ресурсов предопределяет необходимость всестороннего сотрудничества и последовательной межгосударственной интеграции государств. Для государств, которые объединены в едином водном бассейне, повышается значение развития водной дипломатии. В этих условиях согласование интересов и координация совместных усилий в области водопользования выступают важнейшим условием обеспечения стабильности и устойчивого развития регионов.

В условиях возрастания роли водных ресурсов в системе международных и региональных отношений и их трансформации в значимый

политический фактор усиливается потребность в комплексных и углублённых научных исследованиях в области водной дипломатии. В этой связи особую актуальность приобретает теоретическое осмысление сущности водной дипломатии, факторов её становления и отличительных характеристик, а также определение её места и значения в системе политических наук и структуре международных отношений.

С учётом специфической значимости водной дипломатии во внешнеполитической деятельности Республики Таджикистан её всестороннее развитие и активное продвижение на международной арене рассматриваются в качестве одного из приоритетных направлений внешнеполитического курса государства.

Наряду с этим, актуальность исследуемой темы обусловливается совокупностью следующих факторов:

Первое, исследование места водного фактора в развитии международных отношений и внешней политики Республики Таджикистан. Вода занимает значимое место в формировании и эволюции международных отношений и рассматривается базовой предпосылкой становления государства в качестве ключевого института политической системы общества. Вместе с тем водное пространство выступает важнейшим средством коммуникации и фактором взаимосвязанности стран и континентов, являясь фундаментальной основой развития мировой цивилизации. Однако до настоящего времени данная проблематика не получила должного отражения в политической науке, что обусловливает необходимость её всестороннего научного осмысления.

Второе, участие в решении глобальной проблемы дефицита пресной питьевой воды. Республика Таджикистан, являясь полноправным субъектом международных отношений и неотъемлемой частью мирового сообщества, не может оставаться в стороне от глобальных вызовов. Опираясь на национальные культурные ценности, посредством выдвижения научно обоснованных инициатив и формирования собственной позиции в водной сфере, страна вносит значимый вклад в расширение доступа населения планеты к безопасным источникам питьевой воды.

Третье, формирование предпосылки продвижения водной проблематики. С учётом возрастающей роли вопросов, связанных с использованием водных ресурсов на глобальном уровне, обеспечение интеграционных процессов в водной сфере рассматривается как одно из ключевых условий поддержания водной безопасности. В этом контексте возникает необходимость научного исследования водной дипломатии, а также научно-обоснованных рекомендации по использованию инструментов и механизмов ее продвижения.

Четвертое, разработка научно-обоснованных рекомендаций по использованию механизмов защиты водных интересов во внешней политике Республики Таджикистан. Следует отметить, что Республика Таджикистан занимает стратегически важное положение в обеспечении водной

безопасности Центральной Азии. Так как водная безопасность региона во многом зависит от надлежащей защиты водных ресурсов нашей страны. Поэтому в условиях изменения климата, увеличения потребности в воде и сокращения водных ресурсов поиск эффективных механизмов защиты водных интересов становятся очень важным для обеспечения национальных интересов Таджикистана.

Пятое, региональные и международные позиции Республики Таджикистан в водной сфере. По этому фактору следует отметить, что усложнение водной проблематики на различных уровнях станет причиной появления межгосударственных и региональных противоречий в пределах единых водных бассейнов. Кроме того в таких условиях усиливаются конкуренция за доступ к водным ресурсам. Такие тенденции оказывают негативное воздействие на региональную стабильность и безопасность, поэтому требуют разработки концептуальных подходов к их предупреждению и урегулированию. В этом контексте возникает необходимость всестороннего анализа место и роли Республики Таджикистан по продвижению водной дипломатии на региональном и международном уровнях на основе принципов добрососедства и взаимного уважения.

Шестое, привлечение иностранных инвестиций по защите водных ресурсов и обеспечению водной безопасности в Центральной Азии. Обеспечение водной безопасности частично реализуется посредством водной дипломатии, поэтому этот вопрос в большинстве случаев исследуется в контексте водной дипломатии. В регионе Центральной Азии обеспечение водной безопасности связано, прежде всего, с эффективной защитой водных ресурсов, особенно с сохранением ледников, которые являются основным источником водоснабжения региона. В современных условиях сохранение ледников требует значительных финансовых вложений. Привлечение таких инвестиций возможно в рамках расширения регионального и международного сотрудничества в водной сфере. Поэтому на сегодняшний день водная дипломатия является важным инструментом расширения интеграционных процессов.

В целом, указанные факторы обусловливают необходимость комплексного исследования места и роли водной дипломатии во внешней политике Республики Таджикистан, а также предопределяют значимость углублённого анализа её сущности и перспектив дальнейшего развития на глобальном уровне.

**Степень изученности научной темы.** Водная дипломатия относится к числу направлений, которые до настоящего времени не получили широкого и системного научного освещения. Отдельные её аспекты находили отражение преимущественно в научных публикациях, а также в политических выступлениях должностных лиц и представителей региональных и международных организаций.

Вместе с тем, с учётом исторических предпосылок формирования данной проблематики и её взаимосвязи с широким кругом современных

политических процессов, совокупность научной и нормативной литературы, относящейся к данному направлению, представляется целесообразным условно классифицировать по следующим группам.

**К первой группе** относятся выступления, доклады и инициативы Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона, в которых в концентрированном виде отражены приоритетные направления государственной политики Республики Таджикистан, стратегические цели современного государства, механизмы их реализации, а также подходы к решению наиболее актуальных локальных, региональных и глобальных проблем.

**Вторую группу** составляют исторические, религиозные и культурные источники, в которых содержатся различные концепции и представления, касающиеся совместного использования водных ресурсов, обеспечения населения водой, формирования культуры водопользования и отношения к воде. В данном контексте особое значение имеют положения арийской культурной традиции, зороастризма, ислама и исламской культуры, а также фундаментальные исторические труды, обосновывающие длительный процесс формирования системы отношений с водными ресурсами, включая практики их использования и управления.

**К третьей группе** относятся политические и нормативно-правовые документы, соглашения и договоры межгосударственного, регионального и международного уровня, регулирующие водные отношения, а также резолюции и декларации Организации Объединённых Наций и иных международных организаций, посвящённые вопросам рационального использования водных ресурсов. К данной группе также относятся документы, принятые региональными и глобальными институтами, реализующими водную политику.

**Четвёртую группу** составляют труды отечественных исследователей, сформировавшие методологическую и концептуальную основу изучения рассматриваемой проблематики. К их числу относятся работы следующих учёных: Г. Н. Зокиров [22; 23; 24; 25], С.С. Ятимов [82; 83], С.И. Шарипов [80], А.Ш. Курбонов [33], М.У. Хидирзода [76], Р.К. Алимов [3], Х.С. Саидов [68], Р.Дж. Хайдаров [75], Ш. Шоисматуллоев [81], З.М. Курбонова [34], А. Холики, Н. Рахимов [77], П.А. Махмадов [47], С.З. Кувватзода [36; 37; 38].

**Пятую группу** представляют труды зарубежных и отечественных исследователей, в которых различные аспекты водной проблематики анализируются с политической точки зрения. К данной группе относятся научные работы Дж. Уотербери [72], В. Демидова [16], В. Каширина [27; 28], Д. Бабаяна [5], В. Г. Литуева [41], П.Х. Самедова, Ю.К. Абдуллы [70], К.Г. Муратшиной [51], В.И. Данилова-Даниляна, К.С. Лосева [15], А.Ш. Джайлообаева [17], А.Я. Капустина [58], А. К. Карлиханова [32], А. Мансурова [65], С. Д. Махкамбаева [46], Г.Н. Петрова [55; 56, 57], Ю. Х. Рисбекова [66], А. Молдобаева [49], Х.А. Одинаева [53], А.Т. Салохиддинова, Р.К. Икрамова,

М. Н. Тимировой [69], З. В. Кобулиева [29], Н.К. Носирова [52], Х.М. Ахмедова [56], В.А. Духовного, В.И. Соколова [18], У.И. Муртазаева, М.С. Мавлони [43], Р.Д. Маргерума, Д. Уиталла [86], Г. Ролла [64], Н.И. Горошкова [14], Д.М. Маматканова, Х.С. Сафиева, А.О. Аминджанова, М.Б. Каримова [71], Л.В. Бажановой [44], А.Г. Бабаева, А.Р. Медеу, Х.М. Мухаббатова, А.С. Салиева, Х.У. Умарова, А.А. Эргешова [4], К. Ларинова [39], Ю. Шадиметовой [79], К.Л. Валентини, Э.Э. Оролбаев, А.К. Абилгазиева [8], Б. Садбаева [67], Н.Ф. Газаловского [11], О. А. Бояркиной [7], С.С. Жилцова, И.С. Зонна [20], В.Л. Авакова, Н.К. Арбатовой, В.Я. Гантмана [1], Б.В. Коваленко, А.И. Пирогов, О.А. Рижов [30], Х. Хатами, П. Глейка [13], Т. Ле-Хуу [40], А. Куртова [35], Н. Глебовой [12], Я.Э. Пулатова [59], С. Рахимова [60], А. Ибодуллозоды [26], А.Б. Лихачёвой [42], Г. Ч. Акуновой [2], Д.Р. Зиганшиной [21], М. Фалкенмарка [73], Л. Олссона [54], Т.А. Волфа, Б. Ширы Йоффе, М. Джордано [10], К. Фритсше , Г. Исаева, А. Маас, Л. Рюттингер [74] и др.

Анализ совокупности указанных источников свидетельствует о том, что вопросы, связанные с водными ресурсами и водным фактором, оказывают всё более заметное влияние на различные сферы международных и глобальных отношений, что обусловливает необходимость их концептуального осмысления в рамках водной дипломатии. В этой связи исследование водной дипломатии как нового направления международных отношений и самостоятельной сферы дипломатической деятельности приобретает значительную теоретическую и научную актуальность.

**Связь исследования с программами и научными темами.** Диссертационное исследование выполнено в соответствии с постановлением Правительства Республики Таджикистан «О приоритетных направлениях научных и научно-технических исследований в Республике Таджикистан на 2025–2030 годы» от 28 февраля 2025 года №114, в рамках которого рассматриваемая проблематика отнесена к числу приоритетных политических задач, направленных на обеспечение национальных интересов и укрепление государственности. Одновременно работа выполнена в соответствии с перспективным планом деятельности кафедры политологии и связей с общественностью, а также Центра изучения «Школа государственности Эмомали Рахмона» Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.

## ОБЩАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ИССЛЕДОВАНИЯ

**Целью диссертационного** исследования является уточнение и обоснование места водной дипломатии как одного из приоритетных направлений внешнеполитической практики Республики Таджикистан, а также определение перспектив развития дипломатического взаимодействия в водной сфере в условиях изменения климата.

**Задачи исследования.** Для достижения поставленной цели в работе сформулирован и решён комплекс взаимосвязанных научных задач, в числе которых:

– исследование теоретических основ становления и развития водной дипломатии как особого направления дипломатической деятельности;

– анализ природных факторов и практических предпосылок, способствующих формированию водной дипломатии в современных условиях;

– рассмотрение геополитических аспектов водной безопасности в системе современных международных отношений;

– определение роли и места водной дипломатии в обеспечении водной безопасности на современном этапе;

– изучение процесса формирования водной дипломатии и оценка её вклада в укрепление международного политического имиджа Республики Таджикистан;

– анализ политических аспектов управления водными ресурсами и их влияния на обеспечение безопасности региона Центральной Азии.

**Объектом исследования** выступает водная дипломатия во внешней политики Республики Таджикистан как приоритетное и активно развивающееся направление.

